ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 343.3/7 (575.3)
ТКБ: 67.408 (2Т)
И-85

ИСМАТЗОДА РУСТАМ АБДУСАЛОМ

ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300 – фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ)

РОҲБАРИ ИЛМӢ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
РАҲМОНЗОДА М.Ҷ.

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....3
МУҚАДДИМА.....4-21
БОБИ I. ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ-ИҶТИМОИИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА).....22-55
1.1. Таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).....22-37
1.2. Заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)...37-55
БОБИ II. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА).....56-96
2.1. Объект ва предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).....56-76
2.2. Тарафи объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).....76-96
БОБИ III. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИВӢ ВА АЛОМАТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА) АЗ ТАРКИБИ ҶИНОЯТҲОИ БА ОН МОНАНД.....97-147
3.1. Тарафи субъективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).....97-112
3.2. Субъекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).....112-138
3.3. Аломатҳои фарқкунандаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд.....138-147
ХУЛОСА.....148-155
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....155-157
НОМГӮИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).....158-173
ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.....174-176
ЗАМИМА.....177

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИҶШС – Иттифоқи Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

КҶ – Кодекси ҷиноятӣ

КМ – Кодекси маданӣ

СММ – Созмони Миллали Муттаҳид

ФР – Федератсияи Россия

ШВКД – Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

б. – банд

ғ. – ғайра

с. – саҳифа

С. – саҳифа

қ. – қисм

м. – модда

м.м. – моддаҳо

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва дигаргунсозии механизмҳои бозорӣ зарурати навсозии заминаи меъёрию ҳуқуқиро, ки барои таъмини ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат пешбинӣ шудааст, ба эътибор мегирад. Дар ин ҳолат, тақвияти танзими ҳуқуқии сегментҳои гардиши пулию қарзӣ муҳим аст: ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири инфрасохтори бозор, онҳо ба устувории соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла бахши кишоварзӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар ин шароит, таъмини ҳимояи боэътимод аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, рушди ҳамаҷонибаи ҳам фишангҳои мавҷуда ва ҳам нави ҳуқуқии ҷиноятиро талаб мекунад.

Вобаста ба ин, дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз доштанд: «Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зарурӣ дар самти таъмин намудани рушди босуботи мамлакат ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои даромад сол ба сол афзоиш ёфта, дар соли 2025 ба 50 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум 65 фоиз ё 20 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Бо вуҷуди ин, вазъи мураккабу пешгӯйинашавандаи сиёсиву иқтисодии ҷаҳони имрӯза моро водор месозад, ки низоми молиявии кишварро ба меъёрҳои муосир мутобиқ намуда, самаранокии идоракунии молияи давлатиро боз ҳам баланд бардорем. Махсус таъкид менамоям, ки самаранокии хароҷоти давлатӣ бояд ба натиҷаҳои аз ҳар вақти дигар бештар нигаронида шавад. Вазорати молия бояд якҷо бо вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ин ҷода тадбирҳои иловагӣ андешад. Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдор вазифадоранд, ки барои тавсеаи бозори қоғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпоративӣ чораҳои заруриро амалӣ

намоянд. Хотирнишон менамоям, ки ба муомилот баровардани қоғазҳои қиматноки «сабз» ва ташкили бозори такрории фаъолу шаффофи онҳо яке аз вазифаҳои муҳим дар ин самт мебошад. Ҳамзамон бо ин, бояд Стратегияи рушди бозори сармоя таҳия ва қабул карда шавад. Дар даҳ соли охир ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 143 миллиард сомониро ташкил додааст. Вале ҳамагӣ 38 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки ин ҳанӯз кофӣ нест. Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ, пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва боз ҳам зиёд намудани пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд» [17].

Дар байни воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳифзи муомилоти пулию кредитӣ меъёри м. 281 КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» [1] пешбинӣ намудааст, ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Аҳаммияти он ба зарурати ҳифзи устувории низоми молиявӣ ва таъмини эътимод ба воситаҳои пардохт вобаста аст. Дар шароитҳои кунунии иҷтимоию иқтисодӣ, ин кирдор хусусияти ба ҷамъият хавфнкиро ҳамчун падидаи бузурге, ки аз марзҳои миллӣ берун баромадааст, ба вуҷуд овардааст.

Амалҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи зикршуда барои манфиатҳои давлатӣ ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ хатари ҷиддӣ доранд. Онҳо ҳуқуқҳои бо қонун кафолатдодашудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки ба фаъолияти хоҷагидорӣ ҷалб шудаанд, поймол мекунанд, фаъолияти низоми пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ноором месозанд ва як қатор тартиботи гузаронидани амалиётҳои байналмилалии асъорро вайрон мекунанд.

Нишондиҳандаҳои омор ва натиҷаҳои фаъолияти илмию таҳқиқотӣ аз рушд кардани соҳаи тақаллуби пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ шаҳодат медиҳанд, ки ин раванд ба бахши иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад. Аз рӯйи маълумоти Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии

Тоҷикистон вобаста ба ҷинояти «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025 198 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст [138]. Қайд намудан бамаврид аст, ки ин кирдорҳо бо дараҷаи баланди латентӣ доштанашон, тавсиф мегарданд. Ин дар муқоиса бо маълумоти расман бақайдгирифташуда аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, байни ҳолати воқеии ин ҷиноятҳо ва тағйирёбии рушди онҳо фарқияти назаррасро ба вуҷуд меорад.

Нигаронии махсус аз бартарияти шаклҳои муташаккили фаъолияти ҷиноятӣ, аз ҷумла миқёси фаромиллӣ дар соҳаи сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ мебошад. Чунин иттиҳодияҳои ҷиноятӣ пайваста нақшаҳои ғайриқонуниро, ки ба ноором кардани фишанги асъорӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вайрон кардани устувории ҷараёни байналмилалии асъор нигаронида шудаанд, навсозӣ мекунанд. Динамикаи афзояндаи ҷиноятҳои марбут ба сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ муқаррароти стратегии сохторҳои ҷиноятии фаромиллиро инъикос мекунад. Мақсадҳои онҳо аз чорчӯбаи ба даст овардани фоида тавассути амалиёти молиявии пинҳонӣ берун мебароянд, яъне бо вайрон кардани механизмҳои гардиши пулии нақдӣ ва ғайринақдӣ, онҳо асосҳои низоми молиявиро мақсаднок суст мекунанд. Чунин амалҳо ба амнияти иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунанд, ва онҳоро ҳадафмандона ноором мекунанд.

«Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ҳамчун падидаи зиддиҷамъиятӣ таърихи тулонӣ дорад. Он бо равандҳои объективии рушди иқтисодии давлатҳо алоқаманд аст ва аз ин рӯ, бунёди пардаи боэътимод, ки ба таъсири манфии он ба ҳаёти иқтисодӣ монеъ мешавад, ҳанӯз дар ибтидои асри XX ҳамчун мушкилоти байналмилалӣ эътироф карда шуда буд. Марҳилаи калидӣ дар ҳалли ин масъала ба имзо расидани Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо ин ҷиноят буд, ки 20 апрели соли 1929 дар Женева ба вуқуъ пайваста буд, ба ҳисоб мерафт, ва он имкон дод, ки

амалҳои як қатор давлатҳо дар муқовимат ба ин намуди фаъолияти ғайриқонунӣ ҳамоҳанг карда шаванд.

Дар Тоҷикистони муосир дар ҷараёни гузариш аз низоми маъмурию фармондеҳии идоракунии хоҷагии халқ ба муносибатҳои бозаргонӣ мушкилоти мубориза бо ҷиноятқории иқтисодӣ ва аз ҷумла «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», шадидияти хосса пайдо кардаанд. Сатҳи баланди хавфҳои иқтисодӣ ва сиёсии хоси иқтисоди ватанӣ дар муҳити номусоиди макроиқтисодӣ ва сармоягузории дар давлат ташаккулёфта зоҳир мешавад. Ин вазъ дар якҷоягӣ бо воридоти беназорати техникаи бисерфункционалии полиграфӣ ва нусхабардорӣ барои васеъ кардани миқёси пулҳои қалбакӣ, инчунин барои тағйир додани ҳолатҳои миқдорӣ ва сифатии он, аз ҷумла дар қисми мураккабии иҷрои қалбакии он, заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Дар ин ҳолат қафомонии муайяни заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва фишангҳои татбиқи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ба қайд гирифта мешавад. Инро, аз ҷумла, сатҳи нисбатан пасти ошкоршавии ҷиноятҳои дахлдор нишон медиҳанд, ки камбудиҳои мавҷударо дар низоми ошкор ва пешгирии чунин кирдорҳо инъикос мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали таъин шудан ба мақоми роҳбарии кишвар нисбат ба батанзимдарории муносибатҳои пуливу қарзӣ ва инчунин таъсиси низоми миллии бонкии кишвар, шурӯъ намуда буданд. Талошҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат боиси он гардид, ки соли 1995 дар ҷумҳурӣ «рубли тоҷикӣ» ҳамчун пули миллӣ ба муомилот бароварда шуд ва сипас соли 2000-ум пули миллии «сомонӣ», ки то ҳол дар муомилот ҳаст, ҷорӣ гардид. Вобаста ба ин, боиси тазаккур аст, ки «Пешвои миллат ва Сарвари давлати тоҷикон дар бунёди сиёсати мустақили пуливу қарзӣ ва таҳкими низоми бонкдории миллӣ нақши

мондагор дорад ва пули миллии сомонӣ, ки бо ибтикори бевоситаи ӯ дар муомилот ҷорӣ гардид, имрӯз на танҳо воситаи муомилот, балки рукни муҳимми давлатдории миллӣ ва мояи эҳтирому ифтихор мебошад. Нидои худи Пешвои миллат, ки «Эҳтироми пули миллӣ, эҳтироми миллат аст!», бозгӯйи ин ҳақиқат мебошад» [133].

Азбаски муқовимат ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, коркарди низомноки ҳам заминаи меъёрӣ ва ҳам воситаҳои амалии мубориза бо сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ муҳим мегардад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, зарурати гузаронидани таҳқиқоти ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба масъалаҳое, ки то ҳол дар корҳои илмӣ таҳлил нашудаанд, ба миён меояд. Коркардҳои илмии мавҷуда як қатор мушкилоти баҳсноки ин соҳаро пурра ошкор намекунанд, бинобар ин талабот ба таҳқиқоти бунёдӣ ба миён омадааст, ки имкон медиҳад танзими ҳуқуқӣ ва амалияи истифодаи меъёрҳои дахлдор ба таври муназзам дарк карда шаванд. Аз ҷумла, омӯзиши монографии масъалаҳои ҷавобгарӣ барои қалбакӣ сохтани пул метавонад камбудиҳои мавҷударо дар таълимоти ҳуқуқии ҷиноятӣ пурра кунад.

Аҳаммияти омӯзиши таркиби ҷиноятe, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бо хусусияти баҳсбарангези масъалаҳо оид ба моҳияти ҳуқуқӣ ва бандубасти ин кирдор, муайян карда мешавад. Мушкилоти мавҷуда фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҳангоми дар амал татбиқ намудани меъёри мазкур хеле мушкил мекунад [58, с. 222; 121, с. 4-5]. Ин мушкилот на танҳо бо мураккабии маънидодкунии меъёр дар заминаи тағйрёбии он дар муқоиса бо м. 85 КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 вобаста аст [15, с. 335], балки инчунин бо мақсаднокии тасҳеҳи минбаъдаи матни м. 281 КҶ ҶТ дар самти васеъ намудани доираи кирдорҳои ба ҷомеа хавфноки дар он пешбинишуда, бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалии мубориза бо «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)»,

алоқаманд аст.

Бо дарназардошти таҳаввули қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла, васеъшавии рӯйхати кирдорҳои хатарноки ҷамъиятӣ дар КҶ ҶТ (21 майи соли 1998 қабул гардида, 1 сентябри ҳамон сол ба қувваи қонунӣ даромадааст), ки ба соҳаи муносибатҳои пулию қарзӣ дахл доранд (дар муқоиса бо КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961), таҳияи таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Яке аз масъалаҳои мубоҳисавӣ, ки то ҳол дар муҳити илмӣ вобаста ба он мавқеи муттаҳидшуда ба вуҷуд наомадааст, бо фарқ кардани таркиби ҷиноят, ки тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро аз амалҳои ғайриқонунии ҳамҷавор пешбинӣ мекунад, алоқаманд аст. Мураккабии назариявӣ ва амалии ҳалли ин ва мушкилоти марбута мубрамияти баланди мавзуи интихобшудаи таҳқиқотиро ба вуҷуд меорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои танзими ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таваҷҷуҳи олимонро дар тамоми марҳилаҳои рушди қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва хориҷӣ ҷалб кардаанд.

Дар давраи пеш аз инқилоби Октябр (с. 1917) таҳлили табиати ҳуқуқии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), аз ҷониби олимони маъруфи рус С.В. Познишев [55], Н.С. Тагансев [70], И.Я. Фойнитский [82] ва ғайра, амалӣ карда шуд.

Дар мисоли амали қонунгузории ҷиноятии шуравӣ масъалаҳои баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар таҳқиқоти илмӣ, корҳои монографӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва мақолаҳои илмии олимони ҳуқуқшинос, ба монанди В.А. Владимиров [29], З.А. Вишинская [31], А. Герсензон [75], С.В. Дяков [34], М.П. Карпушин [91, с. 120-127], Б.М. Леонтев [119], С.И. Никулин [100, с. 12-15], А.А. Пионтковский [53], Н.С. Пономарев [56], В.А. Сергеев [104, с.

21-28], Ю.В. Солопанов [69], А.Н. Тайнин [74] ва дигарон, баррасӣ карда шудаанд.

Дар мавриди қонунгузории ҷиноятии амалкунанда дар сатҳи китобҳои дарсӣ ва тафсирҳои илмӣ-амалӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, ҷанбаҳои алоҳидаи табиати ҳуқуқӣ ва квалификатсияи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз ҷониби олимони рус, ба монанди Д.И. Аминов [20], А.А. Аслаханов [21], Б.В. Волженкин [23], Л.Д. Гаухман [25], А.И. Кучеров [118], В.Д. Ларичев [94], Н.А. Лопашенко [46], И.Е. Максимова [120], А.В. Манко [95], А.В. Наумов [99], Т.В. Пинкевич [54], А.М. Плешаков [101], А.М. Яковлев [110], В.А. Якушин [83], П.С. Яни [111], Б.В. Яселенко [131], инчунин олимони ватанӣ ба монанди В.А. Абдухамитов [18], У.А. Азиззода [112], Н.Б. Азимзода [113], З.Ҳ. Искандаров [36], З.А. Камолов [116], Н.А. Қудратов [117], Ҷ.М. Зоиров [89], И.Т. Маҳмудов [96], Ф.А. Мирзоахмедов [122], Қ.Х. Мирзоев [123], А.Қ. Назаров [98], Э.С. Насриддинзода [124], К.Д. Рачабов [126], Р.Р. Раҳмадҷонзода [103], М.Ҷ. Раҳмонзода [127], Ғ.С. Сатторов [63], А.И. Сафарзода [128], Ҳ.С. Сафарзода [64], Ш.Л. Холиқзода [107], Т.Ш. Шарипов [108], Р.И. Шарипов [129] ва дигарон, баррасӣ гардидаанд.

Асарҳои муаллифони зикршуда ба илми ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми назаррас гузоштанд, аммо бояд қайд кард, ки таҳқиқоти онҳо асосан ба тавсифи ҳуқуқии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар маҷмуъ, нигаронида шуда буд.

Дар ҳамин ҳол, баҳсҳо дар атрофи як қатор масъалаҳои назариявии табиати иҷтимоию ҳуқуқӣ ва квалификатсияи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар таълимоти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ то имрӯз бартараф карда нашудаанд ва илова бар ин, на ҳама ҷанбаҳои масъалаи татбиқи самараноки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бо пуррагӣ таҳия шудаанд, ки ин мақсаднокии таҳлили минбаъдаи илмии онҳоро дар сатҳи таҳқиқоти

монографӣ муайян мекунад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи лоиҳаҳои илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки ба мавзуи «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (барои солҳои 2021-2025)» бахшида шудааст, таҳия гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот ҷанбаҳои умумии таҳқиқотро дар бар гирифта дар он масъалаҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба таври назаррас пешбинӣ карда шудаанд, ки он фарогири робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ ва давлатӣ, консепсияҳо ва стратегияҳо, мақсади таҳқиқот, вазифаҳо, инчунин объект ва мавзуи таҳқиқот мебошанд. Мушаххасгардонии даврaҳои таҳқиқот, таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ ба сифати омилҳои асосии тавсифи умумии таҳқиқоти мазкур баромад мекунанд. Дар навгонии таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда натиҷаҳо, хулосаҳои илмӣ, назариявӣ ва методологӣ бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд. Илова бар ин, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии он, мутобиқати рисола ба ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии рисола, интишороти мақолаҳои довталаб ва сохтору ҳаҷми диссертатсия ба сифати унсурҳои асосии тавсифи умумии таҳқиқоти мазкур баромад мекунанд.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот аз таҳлили низомноки ҷанбаҳои мушкилот – ҳам доктриналӣ ва ҳам ҳуқуқтатбиқнамоӣ иборат аст, ки ҳангоми бандубасти кирдорҳои марбут ба «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», ба вуҷуд меоянд. Дар рафти таҳқиқот на танҳо қайд кардани ихтилофоти

мавҷуда ва камбудиҳои меъёрӣ, балки таъсири онҳо ба самаранокии муқовимат ба ин намуди ҷиноятҳо, пайгирӣ карда шудаанд. Натиҷаи ниҳоии таҳқиқот таҳияи пешниҳодҳои асосноккардашудае мебошанд, ки ба такмили танзими ҳуқуқии ҷиноятии ҷавобгарӣ барои сохтакории пулҳои қалбакӣ дар КҶ ҶТ, равона карда шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои татбиқи мақсадҳои дар рисола гузошташуда як қатор вазифаҳоро ҳал намудан лозим аст, ки дар байни онҳо:

– таҳлили таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)»;

– баррасӣ намудани заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)»;

– пешниҳод кардани тавсифи васеи ҳуқуқии ҷиноятии таркиби ҷиноят тибқи м. 281 КҶ ҶТ, аз ҷумла аниқ намудани мазмуни аломатҳои объективӣ ва субъективӣ, инчунин аломатҳои вазнинкунандаи он;

– мушаххас намудани аломатҳои фарқкунандаи «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд;

– вобаста ба таҳлили камбудиҳо ва зиддиятҳо дар танзими ҳуқуқии амалкунанда пешниҳодҳои илман асоснок ва тавсияҳои амалӣ, ки ба рушди меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», равона шудаанд, таҳия карда мешаванд.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқот қонуниятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди татбиқи меъёре, ки барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ кардаанд, ташаккул меёбанд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро

меъёри қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), амалияи муосири судӣ-тафтишотӣ, маводи эмпирикии ҷамъовардаи муаллиф оид ба парвандаҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таълимоти илмӣ оид ба ин масъала, ташкил медиҳанд.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Бо мақсади дар диссертатсия низомнок, пурра ва ҳаматарафа таҳлил намудани масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ин ҷиноят, заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии он шуруъ аз давраи инқилоби Октябр (с. 1917) то ин дам, зери таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ дарбаргирандаи амалияи судӣ-тафтишотии солҳои 2010 то 11 моҳи соли 2025, мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар давраи солҳои 2020-2025 навишта шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ҳуқуқшинос, инчунин асарҳои муҳаққиқони пешрафта дар соҳаи фалсафа, сотсиология, назарияи умумии ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқ, иқтисод ва дигар илмҳои гуманитарӣ ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои илмии назарияи маърифат ташкил медиҳанд, ки муносибати умумиилмии диалектикиро ба омӯзиши падидаҳои иҷтимоӣ инъикос мекунанд, аз ҷумла усулҳое, ба монанди: мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатӣ, оморӣ истифода шудаанд.

Ҳангоми пеш бурдани таҳқиқот усулҳои махсуси илмӣ, дар вақти омӯзиши таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё

коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта); мантиқӣ, ки дар таҳлили ҷузъии аломатҳои муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ оиди тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), инъикос меёбад; усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми таҳлил намудани қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои хориҷӣ дар масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта); усули ҳуҷҷатӣ, дар вақти омӯхтани парвандаҳои ҷиноятии бо ин ҷиноят алоқамандбуда; усули оморӣ, ки дар ҷамъ овардан ва омӯхтани маълумотҳои оморӣ оид ба сатҳи содиршавии ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ифода мегарданд, зери истифода қарор гирифтаанд.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот аз таҷрибаи Суди Олии ҶТ; маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъ ва динамикаи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025; натиҷаҳои таҳқиқоти мушаххаси сотсиологии муаллифони дигар, иборат мебошанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 98 парвандаи ҷиноятиро дар бораи ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ омӯхтааст.

Навгонии илмии таҳқиқот. Таҳқиқот оиди мавзуи интихобкардашуда дорои навгонии илмӣ мебошад, зеро он аввалин кӯшиши сохтани модели назариявии сохторӣ дар илми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт мебошад.

Тибқи натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ, бо назардошти воқеиятҳои мубрами сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, муайян кардани детерминантҳои калидӣ, ки ба самаранокии фишангҳои ҳуқуқии муқовимат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таъсир мерасонанд, муяссар гардид.

Ҳангоми таҳқиқоти ин масъалаҳо пешниҳодҳои илмии асоснок оид

ба такмили меъёрҳои дахлдори КҶ ҶТ пешниҳод карда шуданд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Навгонии илмии таҳқиқот инъикоси худро инчунин дар нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ёфтааст:

1. Таҳлили заминаи меъёрӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аз хусусияти махсус доштани ҷиноятҳои вобаста ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар низоми кирдорҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Ба сифати самти афзалиятноки ҳимояи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки ташкил ва фаъолияти устувори гардиши пулро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд – маҳз ҳамин муносибатҳо ҳамчун объекти бевоситаи таҷовузи ҷиноятӣ эътироф мешаванд. Ҳангоми таъсиррасонӣ ба нишони пулӣ муносибатҳои зикршуда зарар мебинанд, ки дар тағйирёбии нақши иҷтимоӣ ва сифати пул, коҳиш ёфтани даромади миллӣ ва инчунин вайрон шудани робитаҳо дар низоми гардиши байналмилалии асъор ифода меёбад.

2. Барои баҳодиҳии дурусти кирдоре, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд дараҷаи шабеҳияти ҳуҷҷати қалбакӣ бо ҳуҷҷати аслӣ муайян карда шавад. Дар ин ҳолат, асоснок карда шудааст, ки худи тарзи тайёр кардани пулҳои қалбакӣ ё қоғазҳои қиматнок, ба шарте ки сифати тасвир ва мавҷудияти ҳамаи унсурҳои ҳуҷҷат таъмин карда шавад, ба бандубасти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таъсир намерасонад, аммо ҳангоми фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо бояд ба назар гирифта шавад. Дар ҳолатҳои ба таври возеҳ номувофиқатии пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба аслияти онҳо, ҳаракати шахс метавонад тибқи м. 247 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда шавад.

3. Пешниҳодҳо оид ба квалификатсия (бандубаст) вобаста ба м. 281 КҶ ҶТ:

А) Дар натиҷаи таҳлили муфассали предмети тайёр кардан ё ба

муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) хулоса бароварда мешавад, ки коғазҳои қиматноки ғайриҳуҷҷатӣ ба сифати предмети ҷинояти мазкур баромад намекунанд. Вобаста ба ин, пешниҳод мегардад, ки қалбакӣ тайёр кардани саҳмияи ғайриҳуҷҷатӣ ҳамчун тайёрӣ ба ҷиноят, ки ҷавобгарӣ барои он дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бандубаст карда шавад.

Б) Бо дарназардошти тавсифи комплексии аломатҳои тарафи объективии ҷинояти таҳлилшаванда, муаллиф чунин мешуморад, ки кирдор тибқи м. 281 КҶ ҶТ дар он ҳолате хотимаёфта эътироф мешавад, агар он бо тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани ҳадди аққал як нусхаи коғази қиматноки қалбакӣ ё нишони пулӣ, бо назардошти аломатҳои объективии муқаррарнамудаи таркиб ва хусусияти бандубастнамоии ҷиноятҳои нотамом, алоқаманд бошад. Дар ин ҳолат, ба итмом нарасидани тайёр кардани воҳидҳои минбаъда ба бандубасти ҷиноят ҳамчун ҷинояти хотимаёфта монеъ шуда наметавонад.

4. Пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии м. 281 КҶ ҶТ:

А) Дар раванди таҳқиқоти гузаронидашуда зарурати фарқ кардани амалҳо аз рӯи хусусияти ба ҷамъият хавфнокашон ошкор гардид. Аз ҷумла, ба муомилот баровардани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок аз ҷониби шахсе, ки хусусияти қалбакии онҳоро дарк накарда бошад, дар муқоиса бо таркиби асосии ҷиноят (қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ), бо дараҷаи пастарини ба ҷамъият хавфнокӣ тавсиф мегардад. Дар ин асос пешниҳод карда мешавад, ки ба м. 281 КҶ ҶТ қисми иловагӣ (чорум) ворид карда шавад, ки ҳолатҳои сабуккунандаи кирдори баррасишавандаро муқаррар мекунад. Ҳамчун варианти таҳрири нави меъёри пешниҳодшуда чунин ҷумлабандӣ пешниҳод карда мешавад: «Ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби шахсе содир шудааст, ки хусусияти қалбакии онҳоро дарк

накарда бошад» ва дар санксияи он чунин ҷазое пешбинӣ гардад, ки нисбат ба ҷазое, ки дар қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, сабуктар бошад.

Б) То ҳол, диспозисияи м. 281 КҶ ҶТ як қатор ҳаракатҳои муҳимро, ки тарафи объективии ҷинояти мазкурро ташкил медиҳанд, дар бар намегирад, – сухан дар бораи соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ва фиристодани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок меравад. Барои бартараф кардани ин камбудии қонунгузорӣ, илова кардани меъёри мазкур бо ҳаракатҳои зикршуда асоснок ба назар мерасад ва онро дар таҳрири зерин овардан зарур аст: «Тайёр кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол, фиристодан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ».

В) Ҳангоми омӯзиши ҳамаҷонибаи тарафи объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аниқ гардид, ки муайян кардани арзиши предмет барои аломати «миқдори калон», ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва муайян кардани он дар эзоҳ ба м. 283 КҶ ҶТ оварда шудааст, дар айни замон тавассути истифодаи усули маънидодкунии силсилавӣ, ки асосан ба мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълум аст, амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, барои самараноктар истифода бурдани аломати вазнинкунандаи «миқдори калон» муайян кардани мафҳуми он нисбат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) на дар эзоҳи м. 283 КҶ ҶТ, балки бо роҳи дохил кардани эзоҳи алоҳида ба м. 281 КҶ ҶТ бо мазмуни зерин мақсаднок аст: «Таҳти мафҳуми миқдори калон дар моддаи мазкури ҳамин Кодекс чунин миқдоре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад».

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии

таҳқиқот бо он ифода мегардад, ки дар он дар сатҳи монографӣ масъалаҳои муҳимтарини ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) тибқи қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҶ ҶТ аз соли 1998) омӯхта шудааст. Дар диссертатсия таҷрибаи ҳуқуқии байналмилалӣ ва хориҷии муқовимат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), истифода шудааст. Инчунин дар рисолаи илмӣ маводи таърихӣ оиди ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳлил гардидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бо он ифода мегардад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мавҷудбуда метавонанд дар самтҳои зерин истифода гарданд:

– дар раванди қонунгузорӣ ҳангоми такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии ҳифзи муносибатҳои пулию қарзӣ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ;

– дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан мақомоти тафтишотӣ ва судӣ бо мақсади ҳалли дурусти масоил оид ба татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо нисбати ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта);

– дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба ҳалли минбаъдаи масоили ҳуқуқӣ-ҷиноятии мубориза бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта);

– дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ва «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ».

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи методологияи илмӣ ва методикаи таҳқиқот, муносибати комплексӣ ба раванди ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи эмпирикӣ таъмин карда шудааст. Хулосаҳои муаллиф ба

муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои омӯзиши 98 парвандаи ҷиноятӣ, ки аз руи далелҳои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) оғоз шудаанд, маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъ ва динамикаи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025, бо таҳлили адабиёти махсуси илмӣ, диссертатсияҳо, мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи омӯхташуда, асос ёфтаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300 – фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз навгониҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, инчунин нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, ки дар шакли мақолаҳо ва маърузаҳо дар маводҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд, муайян карда мешавад. Саҳми шахсии муаллиф дар услуби баён, тарзи навиштан ва муносибати таҳлилии мушкилоти гузошташуда зоҳир мешавад. Дар рафти таҳқиқот муаллиф санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дахл доранд, муфассал таҳлил намудааст. Муаллиф инчунин хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ин ҷиноятро дар заминаи рушди муосири ҷомеа тавсиф карда, таркиби ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё

коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро муфассал таҳлил кардааст. Дар диссертатсия инчунин тавсияҳои амалӣ ва назариявӣ оид ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ба ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бахшида шудаанд, пешниҳод карда мешаванд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра муҳокима шудааст ва барои ҳимоя намудан тавсия дода шудааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба табъ расидаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар гузоришҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла:

а) байналмилалӣ:

– Конференсияи байналмиллалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули қатъномаи маҷмааи умумии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони соли 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» – маъруза дар мавзуи «Аломатҳои фарқкунандаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ (сохта) аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд» (Душанбе, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, 24 октябри соли 2025).

б) ҷумҳуриявӣ:

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумуриявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «30-юмин солгарди қабули

Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва нақши доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Муллоев М.М. дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, маъруза дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» (Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 22 июни соли 2024);

– Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)», «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода», маъруза дар мавзуи: «Такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» (Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 16 апрели соли 2025);

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, муосир ва рушд» бахшида ба 27-умин солгарди қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маъруза дар мавзуи: «Баъзе масоили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ» (Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 2025).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шудааст, ки аз онҳо 4-тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6-тои он дар нашрияҳои дигар.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Диссертатсия аз 177 саҳифа иборат аст.

БОБИ I. ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ-ИҶТИМОИИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА)

1.1. Таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)

Яке аз ҷиноятҳои вазнин ин тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мебошад, ки решаҳои чуқури таърихӣ дорад. Таҳлили таърих боварибахш нишон медиҳад, ки сарфи назар аз гуногунии шароити мушаххаси иҷтимоию иқтисодии пайдоиш ва мавҷудияти сохтакории пул ё коғазҳои қиматнок ҳамчун падидаи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар форматсияҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва давлатҳо, ба он қонуниятҳои бетағйир хос мебошад.

Мавриди зикр аст, ки «Истилоҳи «сохтакории пул ё коғазҳои қиматнок» (дар забони русӣ – «фалшивомонетничество») аз калимаи лотинии «falsus» гирифташуда маънои «дурӯғ, ғайривоқеӣ, қалбакӣ»-ро дорад. Ҳамин тариқ, «сохтакории пул ё коғазҳои қиматнок» (дар забони русӣ – «фалшивомонетничество») маънои тайёр кардани пулҳои қалбакиро дорад» [32, с. 531].

Бояд гуфт, ки «паҳншавии пулҳои коғазӣ дар баробари пулҳои металлӣ ба васеъшавии мафҳуми «сохтакории пул ё коғазҳои қиматнок» оварда расонд. Ҳоло он на танҳо қалбакӣ кардани тангаҳои металлӣ, балки тайёр кардан ё ба муомилот баровардани ҳама гуна пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро дар назар дорад. Бешубҳа, чунин таҳаввулоти табиати ҳуқуқии сохтакории пул ё коғазҳои қиматнок бо рушди низоми пулӣ ва фаъолияти он дар иқтисодиёт зич алоқаманд аст» [72, с. 51].

Ҳамин тавр, «бо вуҷуди мураккабии масъалаи пайдарҳамии пайдоиши аввалин тангаҳои қалбакӣ, олимон аввалин зикри мафҳуми «сохтакории пул»-ро бо санади қонунгузории подшоҳи Бобулистон

Хаммурапи, ки дар солҳои 1729-1750 то милод ҳукмронӣ мекард, алоқаманд мекунанд, ки дар ин қонун барои сохтакории пул ҳукми қатл пешбинӣ шуда буд» [72, с. 52].

Чи тавре қайд мегардад «пайдоиши аввалин ҳолатҳои маъмули сохтакории нишонаҳои пулии қалбакӣ (сохта) ба асри II то милод рост меояд» [72, с. 53]. Инчунин, «тангаҳое, ки дар замони ҳукмронии шоҳи Парфия Митридат I (тақрибан 123-87 сол пеш аз милод) дар Парфияи Қадим чоп карда мешуданд, предмети сохтакорӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар ҳамин давра усул ва роҳҳои махсуси санҷиши аслӣ будани тангаҳои нуқра, ки дар муомилот буданд, пайдо шуданд. Барои ин корд истифода бурда, аз танга як пораи хурдро меканданд. Аз ҷои буриш муайян кардан мумкин буд, ки танга аслӣ аст ё «қалбакӣ»» [72, с. 53].

Қайд мегардад, ки «аввалин тангаҳои қалбакӣ дар Аврупо дар ҳудуди Англия пайдо карда шудаанд. Таҳлили рентгенӣ имкон дод, ки муайян карда шавад, ки танга аз мис сохта шуда, бо қабати тунуки нуқра пӯшонида шудааст» [72, с. 53].

Санҷиши аслӣ будани тангаҳо амалест, ки решааш ба Руми Қадим меравад. Мутахассисони ин кор усулҳои одӣ, вале самаранокро истифода мебурданд. Бо ёрии корд ё газидани танга таркиби онро муайян мекарданд. Онҳо тангаро ба санг партофта, садоро баҳо медоданд: садои баланд ва тоза аз аслӣ будани танга шаҳодат медод, дар ҳоле ки садои паст ба қалбакӣ (сохта) будани он ишора мекард.

Яке аз қонунҳои қадимтарин, ки ба тақаллуби тангаҳо равона шудааст, «қонуни румии асри IV то милод мебошад, ки онро «lex Cornelia testamentaria nummaria de falsus» (қонуни Корнелий дар бораи сохтакории васиятҳо ва тангаҳо) меномиданд, ки ин қонун ҷазоро дар шакли пеш намудан аз Рим барои омехта кардани металлҳои бегонаи арзиши камдошта бо тилло, инчунин барои тақаллуби тангаи нуқра, пешбинӣ мекард» [130, с. 17]. «Ин ба он вобаста буд, ки дар Руми Қадим дар он давра тангаи нуқра аллакай дар муомилот васеъ паҳн шуда буд, дар ҳоле ки тилло ҳамчун пул асосан дар шакли сабика истифода мешуд»

[68, с. 131].

Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон ба хулоса омад, ки «тақаллуби нишонаҳои пулӣ, ки кирдори ҷиноятӣ аст, қариб ҳамзамон бо пайдоиши пул ҳамчун муодили умумӣ ҳангоми мубодилаи молҳо ба вуҷуд меояд. Дар қисмати таърихии мавриди назар, арзиши номиналии воҳидҳои пулӣ баъдтар тангаҳо бо арзиши воқеии онҳо комилан мувофиқат мекард. К. Маркс, дар ин марид, чунин менависад: «ҳар гуна таҳрифи шакл ё маводи воҳиди пулӣ, ки ба паст шудани арзиши он оварда мерасонад, ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият, масалан, дуздии одӣ, дуздӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда, қаллобӣ бо мақсади соҳиб шудан ба молу мулк, муайян карда мешавад»» [50, с. 131].

Чӣ тавре Ясинов О.Ю. қайд мекунад: «марҳилаи бавуҷудомада дар таҳаввули муайян кардани сохтакории пул ва бандубасти он бо қонунгузории ҷиноятӣ бо тасдиқи монополияи давлатӣ дар бароришти тангаҳо алоқаманд аст, ки ин раванд на он қадар бо омилҳои сиёсӣ, яъне тақвияти ҳокимияти марказии давлатӣ, балки бо манфиатҳои иқтисодии хазинаи давлатӣ вобаста буд» [130, с. 18].

Тавре К. Маркс қайд карда буд, «гардиши тангаҳои тиллоӣ ногузир ба фарсудашавии онҳо оварда мерасонад. Оҳиста-оҳиста арзиши номиналии танга аз миқдори воқеии металлҳои қиматбаҳо фарқ мекунад. Ин падида боиси он мегардад, ки тилло ҳамчун воситаи муомилот арзиши молро ба таври кофӣ инъикос намекунад ва ҳамчун эквиваленти боэътимод хизмат намекунад. Мушкилоти номувофиқии байни арзиши номиналӣ ва воқеии тангаи тиллоӣ дар асрҳои миёна ва замони нав то асри XVIII манбаи асосии низоъҳо дар робита бо бароришти танга буд» [50, с. 132].

Бояд қайд намуд, ки «дар замони ҳукмронии император Клавдий (солҳои 41-54 милодӣ) сохтакории нишонаҳои пулӣ расман қонунӣ карда шуд, ки корхонаҳои давлатӣ барои тайёр кардани тангаҳои румӣ бо илова кардани металлҳои дигар ба нуқра иҷозат гирифтанд, император бошад, ин қарорро бо манфиатҳои давлатӣ асоснок мекард, аз ин рӯ

тангаҳои аз чунин хӯла сохташуда нисбат ба тангаҳои нуқрагӣ муҳлати дарозтари муомилот доштанд» [37, с. 233].

Таҳлили далелҳои пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки «ҷудо кардани арзиши номиналии воҳидҳои пулӣ аз арзиши воқеии онҳо қисми ҷудонашавандаи таҳаввулоти табиии гардиши пул мебошад. Ин раванд, ки ошкор карда шуд, қасдан аз ҷониби давлат бо мақсади афзоиши даромади давлатӣ истифода шудааст» [37, с. 234].

Ҳамин тариқ, «дар тули таърих, аз давраи империяи Рим то пайдоиши пулҳои коғазӣ дар охири асри XVIII, қонунгузорӣ оиди тайёр кардани танга дар давлатҳои аврупоӣ тамоюли доимии ҳокимияти давлатиро барои истифодаи барориши воҳидҳои пулии торафт бекурбшуда ҳамчун яке аз усулҳои асосии пур кардани захираҳои молиявии худ, нишон медиҳад» [28, с. 300].

С.Н. Головко қайд мекунад, ки «шаклҳои танзими ҳуқуқии муомилоти пулӣ метавонанд масоил дар бораи қобили қабул будани амалҳои давлатро ба вуҷуд оранд, ки ба кам кардани арзиши воқеии тангаҳо бо нигоҳ доштани арзиши номиналии онҳо равона карда шудаанд ва чунин амалҳо расман ба қонунгузорӣ мухолифат намекунанд, зеро онҳо ба иродаи давлатӣ мувофиқат мекунанд ва дар доираи давлати мазкур эътибор доранд» [115, с. 27].

Мо чунин мешуморем, ки ин масъала набояд танҳо ҳамчун зуҳуроти иродаи давлатӣ маънидод карда шавад, зеро иродаи давлатӣ ҳамеша метавонад бо тартиби қонунгузорӣ баён карда шавад. Дар сурати зарурати кам кардани вазни воқеии тангаҳо ё таркиби металлҳои қиматбаҳо дар онҳо, чунин қарор бояд дар санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад. Сатҳи тангакунонии кишвар дар сатҳи давлатӣ муайян карда мешавад ва иттилооти дастраси умум мебошад.

Агар давлат дар бораи пинҳон кардани миқдори воқеии металлҳои қиматбаҳо дар тангаҳо қарор қабул кунад, ин ба на камтар аз се оқибати манфӣ оварда мерасонад. Аввалан, чунин амал намунаи хатарноки вайрон кардани қонунгузории амалкунандаро дар сатҳи олӣ ба вуҷуд

меорад. Дуюм, он роҳро барои тақаллуби пулҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ мекушояд. Сеюм, чунин қарор метавонад барои асоснок кардани амалҳои шахсони ба тайёр кардани пулҳои қалбакӣ машғулбуда, баҳона гардад.

Бояд қайд кард, ки «сохтакории пул дар қонунгузорӣ ҳамчун ҷиноят ба муқобили молу мулк, яъне қаллобӣ, ки ба фиреб додани шахси муайян равона шудааст, баррасӣ карда мешуд. Бо сабаби он ки сохтакории нишонаҳои пулӣ хусусияти оммавӣ пайдо кард ва ба манфиатҳои давлатӣ зарари ҷиддӣ расонид, бо мурури замон муносибати қонунгузорӣ ба арзёбии ин ҷиноят тағйир ёфт. Сохтакории пул ҳамчун ҷиноят ба муқобили давлат ҳисобида мешуд ва ҷазо барои он сахттар шуд. Ҳамин тавр, ҳанӯз дар асри VI пеш аз милод қонунҳои Солон ҳукми қатлро барои сохтакории тангаҳо пешбинӣ мекарданд. Барои осон кардани ошкор намудани сохтакории пулҳо қонунгузорӣ ҳавасмандкунии шахсонеро пешбинӣ мекард, ки ба ошкор кардани чунин ҷиноятҳо мусоидат мекарданд» [27, с. 48].

Ба унвони мисол «Руми Қадимро овардан мумкин аст, ки дар он мавқеи имтиёзноки шаҳрванд озодкунии абадиро аз андозҳо ва қарзҳо пешбинӣ мекард. Дар айни замон, ғулом метавонад дар ивази хабар додан дар бораи сохтакории пулҳо, озодиро ба даст орад» [27, с. 49].

Таҳаввули фаҳмиши табиати ҳуқуқии сохтакории пулҳо аз раванде ба вуҷуд омадааст, ки «дар Руми Қадим оғоз ёфта, то асрҳои миёна идома ёфт, ки дар он тайёр намудани танга тадриҷан таҳти назорати ҳокимияти давлатӣ қарор гирифт ва ба монополияи давлатӣ табдил ёфта, қисми ҷудонопазири соҳибихтиёрии давлат гардид. Мувофиқи ин, мавқеи қонунгузорон дар бораи қаллобии пулӣ низ тағйир меёбад. Ба ҳамаи ихтилофоти мавҷуда нигоҳ накарда, дар равишҳои ҳуқуқӣ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аврупоӣ дар ин давра сохтакории пулро ҳамчун таҷовуз ба манфиатҳои хазинаи давлатӣ муайян кард. Дар даврони империяи Рим, бо нашри қонунҳои императорҳо Констансий, Юлиан, Валентин, Феодосий ва Аркадий дар асри IV, сохтакории пулҳо

ҳамчун ҷиноят ба муқобили давлат, яъне таҳқири бузургии императорӣ муайян карда шуданд. Ин ҷиноят бо ҷазои баландтарин – сӯзондан, яъне ҳукми қатл ҷазо дода мешуд. Доктринаи ҳуқуқии он замон чунин ҷазоро бо он асоснок мекард, ки қалбакӣ кардани тангаи давлатӣ ҳамчун суиқасд ба «симои муқаддаси» император, ки дар он тасвир шудааст, баррасӣ карда мешуд» [27, с. 50].

Бояд қайд намуд, ки «дар асрҳои XIV-XVII қонунгузории Фаронса ва Олмон, аз рӯйи намунаи қаблан гузошташуда, пулҳои қалбакиро ҳамчун ҷинояти вазнин, ки монархро таҳқир мекунад, меҳисобиданд, хусусан дар ин давра қонунгузорон сохтакории тангаро амали паст задани шаъну шарафи шоҳ мешумориданд, зеро он бо сохтакории тасвири император ва рамзҳои давлатӣ алоқаманд буд» [28, с. 234]. «Ҷазо барои чунин ҷиноят шадид буд ва шиканҷаи шадид ва ҷазои қатлро дар бар мегирифт» [55, с. 496].

Дар даврони феодализм гардиши байнидавлатии воҳидҳои пулӣ хусусияти маҳдуд дошт. Рушди капитализм, ки бо инқилоби саноатӣ, васеъшавии тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаракати босуръати фаромарзии ҷараёни калони молиявӣ ҳамроҳ буд, боиси афзоиши беназири истеҳсоли пули қалбакӣ гардид.

Ҷудошавии арзиши номиналии нишонаҳои пулӣ аз мундариҷаи воқеии онҳо амалияе, ки ба хазинаи давлатӣ имкон медод, ки даромад ба даст орад, наметавонад беохир нигоҳ дошта шавад. Дар ниҳоят, гузариш аз металлҳои қиматбаҳо ҳамчун асоси гардиши пулӣ ба шаклҳои дигари воситаҳои пардохт пайдоиши пулҳои коғазии давлатиро ба вуҷуд овард.

Тавре К. Маркс қайд карда буд, «дар шароити рушди муомилоти пулӣ шакли тангаи тилло аз арзиши воқеии он ҷудо шуд. Ин ба ашёе, ки арзиши модарзодӣ надоранд, ба монанди аломатҳои коғазӣ, имкон дод, ки вазифаи пулро иҷро кунанд. Дар тангаҳои металлӣ хусусияти рамзӣ ҳанӯз қисман ниқобпӯш аст, дар ҳоле ки дар пулҳои коғазӣ он пурра ва аён аст» [50, с. 850].

Пайдоиши пулҳои коғазӣ натиҷаи пешрафти истеҳсоли мол буд ва

таҳаввули муносибатҳои иқтисодии хоси сохти капиталистиро, пеш аз ҳама, низоми уҳдадориҳои қарзиро инъикос мекард. Дар доираи иқтисодиёти капиталистӣ амалиёти қарзӣ ба ҳуҷҷатгузорӣ ниёз доранд, аз ин рӯ намудҳои гуногуни коғазҳои қиматнок фаъолона паҳн карда мешаванд.

Дар баробари векселҳо (ки уҳдадориҳои қарзиро дар доираи қарзи тиҷоратӣ сабт мекунанд) ҳуҷҷатҳои чекӣ, ки гузаронидани амалиёти амонатиро тасдиқ мекунанд, паҳн карда мешаванд. Илова бар ин, саҳмияҳо дар муомилот пайдо мешаванд, ки ба тақсимоти даромади ҷамъияти саҳомӣ имкон медиҳанд ва вомбаргҳо воситаҳои қарзӣ мебошанд, ки ба доранда даромадро дар шакли фоиз ё фоида таъмин мекунанд.

Афзоиши гардиши коғазҳои қиматнок, ки ҳамчун воситаи пардохт истифода мешаванд, дар баробари тахминҳои васеи биржавӣ, боиси ба даст овардани хосиятҳои пули қарзӣ мегардад. Дар як қатор гурӯҳҳои иҷтимоӣ чунин коғазҳо дар асл нақши воситаи муомилотро иҷро мекунанд, ки ҳамчун алтернативаи воҳиди анъанавии пулӣ баромад мекунанд. Мисоли намоён интишори пули коғазии давлатӣ мебошад. Дар асл, онҳо уҳдадориҳои қарзии давлат мебошанд, яъне як навъи коғазҳои қиматнок, аммо дар амал ҳамчун ивазкунандаи рамзии тилло баромад мекунанд. Бо шарофати қурби ҳатмии муқаррарнамудаи қонун, онҳо қодиранд тиллоро ҳамчун воситаи муомилот дар бозори дохилӣ иваз кунанд.

Тавре ки К. Маркс дақиқ қайд кард, «табаддулоти куллӣ дар низоми пулии давлатҳои гуногун, ки дар замонҳои гуногун ва бо роҳҳои гуногун рух дод, ногузир ба муайян кардани мафҳуми сохтакории пулҳо ва арзёбии таҳдиди он ба манфиатҳои синфи ҳукмрон таъсир расонд. Ин тағйирот дар тасаввур кардани ҷиноят ба мисли тағйири усулҳои ҷазо радикалӣ буд: дар ҳоле ки англисҳо сӯзондани ҷодугаронро дар оташ қатъ карданд, онҳо ба дор кашидани сохтакорони пулро шуруъ карданд» [50, с. 135].

Сабаби дигари паҳншавии пулҳои қалбакӣ, аз ҷумла пулҳои коғазӣ – истифодаи усулҳои пинҳонии фишор ба дигар кишварҳо аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ мебошад. Ба онҳо, аз ҷумла, мақсади ноором кардани иқтисодиёти давлатӣ тавассути истеҳсоли оммавӣ ва паҳн кардани нишонаҳои пули қалбакӣ дохил мешаванд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки «дар асри XX конвенсияи Женеваи соли 1929 санади асосии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки мубориза бо сохтакории пулро танзим мекард, ба шумор мерафт. Ин конвенсия ҷиноятҳои марбут ба сохтакории нишонаҳои пулиро ҳамчун кирдори ҷиноятии зерин муайян мекард:

1) ҳаракати дилхоҳе, ки ба сохтакорӣ ё тағйир додани пулҳои коғазӣ равона карда шудааст, новобаста аз усулҳои истифодашаванда, ҷиноят мебошад;

2) ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ;

3) амалҳое, ки бо фурӯш, воридот ба қаламрави кишвар ё дидаву дониста ба даст овардани нишонаҳои пулии қалбакӣ барои истифодаи шахсӣ, алоқаманданд;

4) шаклҳои иштирок дар содир намудани кирдорҳои ҷиноятии зикршуда, инчунин кирдорҳое, ки ҳамчун суиқасд ба содир намудани онҳо бандубаст карда мешаванд;

5) амалҳои ғайриқонунӣ вобаста ба сохтан, ба даст овардан ё нигоҳ доштани асбобҳо ва дигар ашёе, ки воқеан барои сохтани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё тағйир додани намуди зоҳирии онҳо пешбинӣ шудаанд» [33, с. 150].

Дар асоси муқаррароти «конвенсияи Женева (аз соли 1929), давлатҳои узви он вазифадор гардиданд, ки дар қонунгузории дохилии худ ҷавобгариро, барои ғайриқонунӣ тайёр кардани ҳам асъори давлати худ ва ҳам кишварҳои хориҷӣ, муқаррар намоянд. Бояд қайд кард, ки аз нуқтаи назари қонунгузории ҷиноятии муосир, ки ба ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ равона шудааст, ин Конвенсия қисман аҳаммияти худро гум кардааст. Ин аз он

сабаб аст, ки меъёрҳои он танҳо сохтакории пули нақдро дар бар мегиранд ва ба сохтакориву ба муомилот баровардани коғазҳои қиматнок, ба монанди саҳмияҳо ва вомбаргҳо дахл надоранд» [23, с. 95].

Дар марҳилаи аввали мавҷудияти ИҶШС масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти баррасишаванда дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии муайян ба танзим дароварда шуда буданд. Ҳамин тариқ, «мувофиқи Декрети Кумитаи иҷроияи марказии умумироссиягӣ (ВЦИК) аз 20 июни соли 1919 «Дар бораи аз тобеияти умумии судҳо гирифтани маҳалҳои дар ҳолати ҷангӣ эълоншуда», Комиссияи Фавқулодаи Умумироссиягӣ ва комиссияҳои фавқулодаи вилоятӣ ҳуқуқ пайдо карданд, ки нисбати шахсони гунаҳгор дар содир кардани сохтакории нишонаҳои пулӣ, чораҳои таъсири фаврӣ, аз ҷумла ҳукми қатлро истифода баранд» [16, с. 48]. Инчунин «дар давраи аз соли 1922 то 1924 давлати Шуравӣ ислоҳоти васеи пулӣ гузаронида, муқаррароти онро дар қонунгузории он замон мустаҳкам кард ва барои сохтакории нишонаҳои пулӣ таъқиби ҷиноятӣ муқаррар карда шуд, бо мақсади таъмини назорати мутамаркази низоми пулӣ, ислоҳот тартиби қатъии истеҳсоли коғазҳои қиматноки корхонаҳои саноатӣ, ҷамъиятҳо ва ширкатҳоро, пешбинӣ мекард» [16, с. 49].

Ба ақидаи мо, қонунгузории ҷиноятии умумииттифоқӣ дар бораи сохтакории пулҳо баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии пештараро такмил дод. Ин дар он ифода меёфт, ки ҳаракатҳои вобаста ба сохтакории пулҳо дар таркиби алоҳида ҷойгир карда шуданд, ва, фарқият аз қонуни қаблӣ дар он шахсоне, ки бевосита ба сохтакорӣ даст надоштанд, танҳо ҳамчун шарикон ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд. Илова бар ин, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тақаллуби на танҳо асъори ИҶШС, балки нишонаҳои пулии давлатҳои хориҷӣ низ муқаррар карда шуда буд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки «бо Қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС аз 18 ноябри соли 1929 «Дар бораи тағйир додани моддаи 22-и Муқаррарот дар бораи ҷиноятҳои давлатӣ, зиддиинқилобӣ ва махсусан ҷиноятҳои барои

ИҶШС хатарноки ба муқобили тартиби идоракунӣ равонагардида» ба моддаи 22-и он меъёри нав ворид карда шуд, ки мувофиқи ин меъёр, сохтакории чекҳо, ҳуҷҷатҳо барои пасандозҳои пулӣ ва коғазҳои қиматнок, инчунин шаҳодатномаҳо оид ба аккредитивҳои пулӣ ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф карда шуда, боиси маҳрум сохтан аз озодӣ бо истифодаи ҷудокунии қатъӣ ба муҳлати на камтар аз ду сол бо мусодираи пурра ё қисмани молу мулк мегардад» [130, с. 23].

Бо вуҷуди қабули «Қонуни ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои давлатӣ» аз 25 декабри соли 1958, ба қонунгузории танзимкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сохтакории пулҳо тағйироти ҷиддӣ ворид нагардид. Моддаи 24-и қонуни нав ба ҷинояти сохтакории пул бахшида шуда, барои тайёр кардан ба мақсади ба муомилот баровардани пул**,** инчунин барои фурӯши билетҳои қалбакии хазинадории давлатӣ, билетҳои бонки давлатии ИҶШС, тангаи металлӣ, коғазҳои қиматноки давлатӣ ё асъори хориҷӣ ҷавобгариро муқаррар кард» [16, с. 210].

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки «тағйирот ба муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сохтакории пулҳо аз нав дида баромадани меъёрҳои мавҷудаи бо вақт санҷидашударо пешбинӣ накардааст. Тағйиротҳое, ки бо Қонуни ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои давлатӣ» ворид карда шуданд, асосан хусусияти таҳрирӣ доштанд ва ба баланд бардоштани равшанӣ ва фаҳмиши қонунгузорӣ равона карда шуда буданд, ки ба тафсири якхела ва татбиқи амалии он мусоидат карданд. Бояд қайд кард, ки моддаи 24-и қонуни мазкур барои тайёр кардан ба мақсади ба муомилот баровардани пул ва чиптаҳои нақлиёти роҳи оҳан ва обӣ, ки дар қонунгузории қаблӣ пешбинӣ шуда буд, ҷавобгарӣ пешбинӣ накардааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити нави таърихии давлати Шуравӣ баҳодиҳии ин кирдорҳои ҷиноятӣ тағйир ёфт ва бандубасти онҳо ҳамчун ҷиноятҳои давлатӣ ғайримуносиб гардид» [16, с. 210].

Дар «Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 ҷавобгарии

ҷиноятӣ барои тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан, инчунин ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии хазинадории давлатӣ, билетҳои бонки давлатии ИҶШС, танга, коғазҳои қиматноки давлатӣ ё асъори хориҷӣ дар м. 85» [15, с. 301] пешбинӣ шуда буд.

Бояд қайд кард, ки қонунгузор ҳанӯз ҳам сохтакории пулро ҳамчун яке аз ҷиноятҳои давлатӣ эътироф мекард, ки он ба манфиатҳои давлатии тамоми Иттифоқи Шуравӣ таҷовуз мекард. Гузашта аз ин, ҳангоми муайян кардани ҷазои шадид барои содир кардани он, КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961, ин ҷиноят ба шумули ҷиноятҳои махсусан вазнин дохил шуд. Ҳолати мазкур ба он вобаста буд, ки пул ва фишанги муносибатҳои бо он алоқаманд ҳамчун воситаи дар амал татбиқ намудани вазифаҳои давлатӣ, аз ҷумла дар даврони бунёди ҳаматарафаи ҷамъияти сотсиалистӣ, аҳаммияти калидиро нигоҳ медоштанд. Дар айни замон, низоми муносибатҳои пулию қарзӣ дар доираи модели иқтисодиёти сотсиалистӣ ҳифзи боэътимодро тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ талаб мекард.

Бо «фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 5 майи соли 1961 «Дар бораи пурзӯр намудани мубориза бо ҷиноятҳои махсусан вазнин» ба моддаи 24-и Қонуни ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои давлатӣ», ислоҳот ворид карда шуд. Ин ислоҳот ҷазои сахттарро аз он ҷумла ҷазои қатлро бо мусодираи молу мулк барои сохтакории пулҳо, ки ҳамчун касб амалӣ карда мешуданд, пешбинӣ мекард. Ворид намудани чунин тағйирот на танҳо бо хоҳиши пурзӯр намудани мубориза ба муқобили ҷинояти махсусан вазнин, тавре ки дар номи Фармон нишон дода шудааст, балки бо зарурати баланд бардоштани ҳимояи муомилоти пулии шуравӣ дар давраи гузариш ба миқёси нави нархҳо ва амалиётҳои мубодилавӣ, ки аз 1 январи соли 1961 амалӣ карда шудааст, вобаста буд» [16, с. 215].

КҶ ҶТ аз соли 1998 барои сохтакории пул ва коғазҳои қиматнок дар м. 281 ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, аммо дар муқоиса бо КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961, ин ҷиноятро ба ҷиноятҳо дар соҳаи

фаъолияти иқтисодӣ, ки дар боби 26 КҶ ҶТ ҷойгир аст, дохил мекунад. Дар ин меъёр пешбинӣ шудааст, ки «тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад» [1]. Тибқи қисми дуюми моддаи мазкур, «ҳамин кирдор, агар аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, ба миқдори калон, такроран содир гардад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол, бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешаванд» [1]. Тибқи қисми сеюми м. 281 КҶ ҶТ, «кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол, бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешаванд» [1].

Кодексҳои ҷиноятии собиқ давлатҳои ИҶШС ин таркиби ҷиноятро бо принсипҳои монанд ба КҶ ҶТ мустаҳкам карда буданд.

Ҳамин тавр, дар КҶ Федератсияи Россия м. 186 дар боби 22 Қисми махсус ҷойгир аст ва пешбинӣ мекунад, ки «бо тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки марказии Федератсияи Россия, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Федератсияи Россия, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо ҷарима ба андозаи то як миллион рубл ё ба андозаи музди меҳнат ё дигар даромади маҳкумшуда дар давраи то панҷ сол ё бе он, ҷазо дода мешавад» [12].

Мутобиқи м. 199 КҶ Украина, зери сохтакории пулҳо «тайёр кардан, нигоҳдорӣ, соҳиб шудан, интиқол, фиристодан, воридот ба Украина бо мақсади истифода дар фурӯши молҳо, ба соҳибияти каси дигар додан, инчунин ба соҳибияти каси дигар додани тамғаҳои ғайриқонунии истеҳсолшуда, гирифташуда ё сохтакории андози аксизӣ,

унсурҳои муҳофизатии голографӣ, асъори қалбакии миллии Украина дар шакли банкнотаҳо ё тангаҳои металлӣ, асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматноки давлатӣ, дар шакли коғазӣ ё билетҳои лотереяи давлатӣ, фаҳмида мешавад. Ин ҷиноят дар фасли VII КҶ Украина бо номи «Кирдорҳои ҷиноятӣ дар соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ», пешбинӣ карда шудааст» [7].

Дар Ҷумҳурии Беларус инчунин меъёри ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки ҷавбгариро «барои тайёр кардан, нигоҳ доштан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ, ки дар боби 25 «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ» ҷойгир аст, пешбинӣ мекунад» [8]. Ҳамин тавр, мутобиқи м. 221 КҶ Ҷумҳурии Беларус «тайёр кардан ё нигоҳ доштан бо мақсади ба муомилот баровардани билетҳои қалбакӣ ё тангаҳо, коғазҳои қиматноки давлатӣ ё дигар коғазҳои қиматнок дар воҳиди расмии пулии Ҷумҳурии Беларус, нишонаҳои пулӣ ё коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ» [8], мебошад. Мутобиқи «қ. 2 м. 221 КҶ Ҷумҳурии Беларус, ба сифати намудҳои вазнинкунандаи ҷинояти мазкур кирдорҳое, ки такроран ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, ё бо миқдори махсусан калон содир шудаанд, баромад мекунанд» [8].

Дар КҶ Ҷумҳурии Латвия дар «м. 192 ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ва ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ ва коғазҳои қиматноки давлатӣ, ки дар боби XIX «Кирдорҳои ҷиноятӣ дар хоҷагии халқ» ҷойгир аст, пешбинӣ шудааст» [9]. Мутобиқи ин меъёр ҷинояти мазкур чунин муайян гардидааст: «тайёр кардан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, инчунин ба соҳибияти каси дигар додани нишонаҳои пулии қалбакӣ ва тангаҳои Бонки Латвия, коғазҳои қиматноки давлатӣ ё асъори хориҷӣ» [9].

Дар КҶ Лаҳистон «ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сохтакории пулҳо дар м. 310 пешбинӣ шудааст, ки дар боби 37 «Ҷиноятҳо ба муқобили гардиши пул ва коғазҳои қиматнок» дохил карда шудааст» [10]. Аммо, бояд қайд кард, ки дар муқоиса бо м. 281 КҶ ҶТ, дар КҶ «Лаҳистон

доираи васеи ҳаракатҳо, яъне қалбакӣ намудан, тағйир додан, ба муомилот баровардани пул, дигар воситаи пардохт ё ҳуҷҷат ё қабули онҳо, нигоҳ доштан, интиқол, гузаронидан, фиристодан, бо мақсади ба муомилот баровардан, дохил карда шудаанд» [10].

Дар қонунгузории ҷиноятии Испания, ба монанди дигар тартиботи ҳуқуқӣ, тамоюли истифодаи муносибати тасодуфӣ ҳангоми муайян кардани таркиби ҷинояти сохтакории пул мушоҳида мешавад. Мувофиқи «м. 386 КҶ Испания, таҳти сохтакории пулҳо амалҳои зерин фаҳмида мешаванд:

1. Тайёр кардани пулҳои қалбакӣ, аз ҷумла тангаҳои металлӣ, коғазҳо, кортҳои қарзӣ ва дебетӣ ва аккредитивҳо.

2. Воридоти пулҳои қалбакӣ ба қаламрави кишвар.

3. Ба муомилот баровардан ё паҳн кардани пулҳои қалбакӣ дар якҷоягӣ бо дигар шахсоне, ки бо сохтакории пул ё қочоқ машғуланд.

4. Нигоҳ доштани пулҳои қалбакӣ бо мақсади ба муомилот баровардани онҳо.

5. Дидаву дониста ба даст овардани пулҳои қалбакӣ бо мақсади ба муомилот даровардани онҳо» [11].

Дар кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон кирдорҳои тақиқшаванда аз рӯи се моддаи мустақил бандубаст карда мешуданд. Мувофиқи «§146 КҶ Ҷумҳурии Федеративии Олмон, шахсоне, ки дар тайёр кардан ё соҳиб шудан ба пулҳои қалбакӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан гунаҳгор эътироф шудаанд, бояд на камтар аз ду сол аз озодӣ маҳрум карда шаванд» [12]. Дар «§147 КҶ Ҷумҳурии Федеративии Олмон барои ба соҳибияти каси дигар додани пулҳои қалбакӣ, инчунин барои суиқасди ин кирдор ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Ниҳоят, §149 КҶ Ҷумҳурии Федеративии Олмон тайёрӣ барои тайёр кардани пулҳои қалбакиро ҳамчун ҷинояти мустақил муайян мекунад» [12].

Мувофиқи м. 240 КҶ Швейтсария, «бо тариқи қалбакӣ тайёр кардани тангаҳои металлӣ, банкнотаҳо ё пулҳои коғазӣ ҷавобгарии

ҷиноятиро ба вуҷуд меорад. Илова бар ин, КҶ Швейтсария намудҳои алоҳидаи зерини сохтакории пулҳоро ҷудо мекунад:

- тақаллуби нишонаҳои пулӣ (м. 241);

- ба муомилот даровардани пулҳои қалбакӣ (м. 242);

- камкунии ғайриқонунии миқдори металлҳои қиматбаҳо дар тангаҳо (м. 243);

- воридот, соҳиб шудан ва нигоҳ доштани пулҳои қалбакӣ (м. 244)» [13].

Дар вақти омӯзиши меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ, ки ҷавобгарии тақаллуби банкнотҳоро танзим мекунанд, хусусияти муҳимми ҳуқуқӣ ошкор карда мешавад: дар баъзе давлатҳо чунин таркиби кирдор ҳамчун ҷинояти иқтисодӣ ба фарқ аз муносибати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои дигар қабулшуда шарҳ дода намешавад. Аксар вақт чунин амалҳои ғайриқонунӣ ба категорияи алоҳидаи таҷовузҳои ҷиноятӣ ҷудо карда мешаванд ва дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии миллӣ ҳамчун намуди мустақили фаъолияти ғайриқонунӣ мустаҳкам карда мешаванд.

Дар КҶ Фаронса, ҷинояти мазкур ба сифати «Ҷиноят ба муқобили эътимоди ҷамъиятӣ, пешбинӣ карда шудааст» [14]. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти мазкур, вобаста ба объекти ҷиноят фарқ карда мешавад. Аз ҷумла, «дар боби II «Дар бораи пулҳои қалбакӣ» (моддаҳои 442-1 – 442-14) барои ҳаракатҳои барои ҷамъият хавфнок вобаста ба қалбакӣ тайёр кардани тангаҳо ё банкнотаҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст» [14]. Инчунин дар «моддаҳои 443-1 – 443-8 ҷавобгарии алоҳида барои сохтакории пул, ки объекти он коғазҳои қиматнок мебошанд, муайян карда шудааст» [14].

Натиҷаи таҳлили параграфи мазкури диссертатсия имкон медиҳад, ки аломатҳо ва тамоюлҳои доимии зерини он ошкор карда шаванд:

1. Тайёр кардани пули қалбакӣ ҷинояте мебошад, ки таърихи тулонӣ дорад. Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунгузории ҷиноятии давлатҳои гуногун ба тафсири

мафҳуми тақаллуби нишонаҳои пулӣ, инчунин ба арзёбии дараҷаи таҳдиде, ки чунин амалҳо барои устувории муносибатҳои ҷамъиятӣ доранд, муносибати гуногун нишон доданд.

2. Дар марҳилаҳои аввали он, ки робитаҳои иқтисодӣ ба таври кофӣ рушд накардаанд, тақаллуби пул асосан ҳамчун таҷовуз ба ҳуқуқҳои амволӣ ва манфиатҳои шахсони алоҳида дахл дошт. Дар ҷараёни ташаккули низоми пулию қарзӣ ва муқаррар кардани монополияи давлатӣ дар интишори нишонаҳои пулӣ тайёр ё паҳн кардани пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок мақоми ҷинояти давлатиро ба даст меорад, ки барои он ҷазои қатъии ҷиноятӣ пешбинӣ карда мешавад. Ин ҷиноят ба шумули ҷиноятҳои махсусан вазнин дохил шуд. Ҳолати мазкур ба он вобаста буд, ки пул ва фишанги муносибатҳои бо он алоқаманд ҳамчун воситаи дар амал татбиқ намудани вазифаҳои давлатӣ, аз ҷумла дар даврони бунёди ҳаматарафаи ҷамъияти сотсиалистӣ, аҳаммияти калидиро нигоҳ медоштанд. Дар айни замон, низоми муносибатҳои пулию қарзӣ дар доираи модели иқтисодиёти сотсиалистӣ ҳифзи боэътимодро тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ талаб мекард.

3. Дар заминаи рушди иқтисоди бозорӣ, ки табодули озоди молу хизматрасонӣ, ҳаракати қувваи корӣ ва ташаккули механизмҳои ҳамгироии иқтисодӣ хос аст. Вобаста ба ин, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро ҳамчун ҷиноят, ки ба манфиатҳои иқтисодии субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ зарар мерасонад, муайян менамояд.

1.2. Заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)

Сохтакории пулҳои қалбакӣ падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ буда, бо маҷмуи омилҳои байниҳамдигарии сабабӣ-таъсирӣ ва муносибатҳои

ҷамъиятӣ вобаста аст. Ин дар таҳлили ретроспективии таҳаввули қонунгузорӣ, ки ҷавобгарии чунин кирдорҳоро муқаррар мекунад, ба таври возеҳ пайгирӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, таҳлили робитаи падидаи тақаллуби пул бо равандҳои махсуси ҷамъиятӣ муҳим аст, ки онро пайгирӣ намоем, ки чӣ гуна он бо суръати рушди иқтисодӣ, хусусиятҳои мутобиқсозии иҷтимоӣ ва ҳамгироии ҷомеа, тағйирот дар дарки ҷамъиятии рафтори ғайриқонунӣ алоқаманд аст ва инчунин дигар сабабиятҳои муҳими иҷтимоиро ба назар мегирад.

Дар доираи илми ҳуқуқшиносӣ борҳо кӯшиш карда шуд, ки қонуниятҳои намунавии таҳаввули ҷиноятқорӣ, аз ҷумла таҳлили муқоисавии маълумоти оморӣ дар бораи пулҳои қалбакӣ дар давлатҳои гуногун ошкор карда шаванд. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада як қатор таърифҳои умумӣ тартиб дода шудаанд, ки имкон медиҳанд муайянкунандаҳои ин кирдори ҷиноятӣ бо хусусиятҳои қонунгузории миллӣ, маводи амалияи судӣ ва дигар омилҳои дахлдор муқоиса карда шаванд, дар ҳоле ки мундариҷа ва аҳаммияти онҳо вобаста ба кишвар ба таври назаррас фарқ мекунад. Чунин ақида вуҷуд дорад, ки «дар айни замон, бо вуҷуди ҳама ихтилофоти назаррас дар сатҳи ҷиноятқорӣ дар кишварҳои гуногун, тамоюли аввал ва муайянкунандаи он дар ҷаҳон афзоиши мутлақ ва нисбии он (нисбат ба аҳолӣ, рушди иқтисодӣ, фарҳанг ва ғайра) мебошад» [48, с. 14].

Вобаста ба Федератсияи Россия Э.Ф. Побегайло чунин менависад, ки «тамоюлҳои манфии рушди ҷиноятқории Россия чунон шаффоф мебошанд, ки онро ҳамчун омили таҳдидкунандаи амнияти миллии кишвар эътироф кардан мумкин аст, зеро Россия ба давлате табдил меёбад, ки аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятӣ назорат карда мешавад» [102, с. 88].

Дар партави таҳлили фаъолияти ҷаҳонӣ ва миллии ҷиноятӣ, омор дар бораи шумораи ҳолатҳои расман ба қайд гирифташудаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 то 11 моҳи соли

2025 чунин мебошад: 2010 – 21; 2011 – 23; 2012 – 9; 2013 – 11; 2014 – 7; 2015 – 17; 2016 – 18; 2017 – 14; 2018 – 8; 2019 – 9; 2020 – 9; 2021 – 20; 2022 – 13; 2023 – 6; 2024 – 8; 11 моҳи 2025 – 5 [138].

Бо назардошти маълумоти пешниҳодшуда (ба ғайр аз сатҳи ҷиноятқории латентӣ), метавон хулоса кард, ки таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқии мубориза бо тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро аз ошкор ва тавсифи мухтасари омилҳои иҷтимоӣ, ки динамикаи манфии тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-и муосирро барои ҷомеа ва давлат ба вуҷуд меоранд, ҷудо кардан мумкин нест.

Зимни таҳлили параграфи мазкур бояд ба назар гирифт, ки ҳама гуна ҷомеа системаи мураккаби ҳамкорӣ мебошад, ки дар он одамон бо муносибатҳои гуногун, шаклҳои ҳамкорӣ ва робитаҳои иҷтимоӣ бо ҳам алоқаманданд. Тавре ки таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, амалияи сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо системаи амалкунандаи самтҳои арзиш ва муқаррароти меъёрӣ дар ҷомеа ҷудонопазир аст: маҳз онҳо чаҳорчӯбаи рафтори иҷозатдодашударо муайян мекунанд ва ангезаҳо, инчунин моделҳои амалҳои шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои ба чунин амалҳои ғайриқонунӣ алоқамандро муайян мекунанд.

Дар асл, ҷомеа як низоми ягонаи муташаккили иҷтимоӣ мебошад, ки худро тавассути иҷтимоикунонии ҷузъҳои худ: шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо (ҷузъҳо, зернизомҳо ва ҳамбастагии онҳо), бозсозӣ мекунад. Бо назардошти гурӯҳи шахсоне, ки бо тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) машғуланд, ҳамчун унсури зернизоми ин сохтори мукаммали иҷтимоӣ, гуфтан мумкин аст, ки чунин амалҳо ба бофтаи иҷтимоии ҷомеа дохил карда мешаванд, ки дар он ҷойгоҳи хосро ишғол мекунанд ва бори махсуси функсионалиро амалӣ мекунанд. Аз ин ҷо зарурати ба тартиб даровардан ва мувофиқ кардани амалҳо дар доираи низоми дахлдори муносибатҳои ҷамъиятӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, асосҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба муомилот

баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ тавассути таҳлили моделҳои рафтории одамон – бо назардошти низомҳои мавҷудаи иҷтимоӣ, робитаҳои сохторӣ ва фишангҳои институтсионалӣ ошкор карда мешаванд. Дар ин ҳолат табиати ҳуқуқӣ ва криминологии ин ҷиноят бо таҳаввули сохти сиёсӣ ва тарзи иҷтимоию иқтисодии давлат зич алоқаманд аст.

Дар таҳқиқоти сотсиологӣ, ки ба омӯзиши падидаи тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бахшида шудаанд, омор нақши калидӣ мебозад. Бо ин мақсад таҳлил ва муқоисаи маълумоти омори ҷиноятӣ бо мушоҳидаҳои амалӣ дар ин соҳа аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунанд.

Масъалаи муқоисаи маълумоти омори ҷиноятии кишварҳои гуногун дар сатҳи байналмилалӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ дар тули солҳои зиёд баррасӣ карда шуд. Ҳанӯз соли 1853 дар конгресси якуми байналмилалии оморӣ А. Кетле ин масъаларо ба миён гузошта буд. Аз он вақт инҷониб он дар конгрессҳои омори байналмилалӣ ва иҷлосияҳои институти байналмилалии омор борҳо баррасӣ шудааст. Дар ибтидои асри XX аввалин кӯшишҳо барои таҳлили муқоисавии маълумот дар бораи ҷиноятқорӣ дар якчанд кишварҳои Аврупо сурат гирифтанд. Соли 1901 дар Италия, Фаронса, Испания, Австрия, Олмон, Англия, Шотландия ва Ирландия таҳқиқи ин ҷиноят гузаронида шуд. Соли 1911 низоми ягонаи нишондиҳандаҳо барои таҳқиқоти муқоисавии байналмилалӣ пешниҳод карда шуд, ки бо мақсади баланд бардоштани муқоисаи маълумот тавассути ҷудо кардани аломатҳои маҳдуд, хусусан аломатҳои ҷузъӣ ва муқоисашаванда, такмил дода шуд. Аз ин рӯ, ин зарурати гузаронидани таҳқиқот ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ, инчунин дар асоси онҳо таҳия намудани амалҳои ҳамоҳангшуда дар самти мубориза бо тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро, ошкор намуд. Ин боиси қабул гардидани Конвенсияи Женева аз 20 апрели соли 1929, гардид.

Таваҷҷуҳи зиёде, ки ба мушкилоти тайёр кардани пул ё коғазҳои

қиматноки қалбакӣ (сохта) зоҳир карда мешавад, аз хусусияти он вобаста аст. Ин ҷиноят одатан дар қаламрави давлатҳои хориҷӣ содир карда мешавад ва аксар вақт намояндагони миллатҳои гуногунро дар бар мегирад. Аксар вақт ба сифати предмети ҷиноят воҳидҳои пулии дигар кишварҳо баромад мекунанд. Муборизаи муассир бо ин навъи ҷиноятқорӣ ҳамкории зичи байналмилалиро талаб мекунад. Аз ин сабаб, зарурати муқовимати байнидавлатӣ ба тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар Конвенсияи Женева аз соли 1929 инъикос ёфт. Аз ин рӯ, то вақтҳои охир, тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҷинояте ҳисоб мегардид, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ ба танзим дароварда шудааст [47, с. 133; 38, с. 170]. Бо дарназардошти он, ки тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) метавонад ба устувории молиявӣ ва иқтисодии бисёр кишварҳо таъсири манфӣ расонад, баъзе муҳаққиқон онро ҷиноят ба муқобили низоми ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ мешуморанд. Аммо, аз нуқтаи назари мо, дар бораи мавҷудияти низоми ташаккулёфтаи молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ сухан рондан, ҳанӯз бармаҳал аст. Аз ин рӯ, бо назардошти хусусияти фаромарзии тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ва таъсири манфии он ба иқтисодиёти давлатҳои гуногун, онро дар заминаи ҷиноятқории фаромиллӣ баррасӣ кардан мақсаднок аст. Вақтҳои охир муҳаққиқон ба таҳқиқи моҳияти иҷтимоию ҳуқуқии ин падида диққати ҷиддӣ медиҳанд, ки дар нашрияҳои сершумор инъикос ёфтааст.

Дар байни мутахассисон-криминалист то ҳол мавқеи монанд дар бораи он, ки ҷиноятқории фаромиллӣ дар системаи ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта бояд чӣ гуна ҷой дошта бошад, ташаккул наёфтааст. И.И. Лукашук ва А.В. Наумов чунин ақида доранд, ки «мафҳуми «ҷиноятҳои байналмилалӣ» инчунин падидаҳои ҷиноятқории фаромиллиро низ дар бар мегирад» [47, с. 200]. В.С. Комиссаров бар ин назар аст, ки «мафҳуми «ҷинояти фаромиллӣ» нисбат ба мафҳумҳои «ҷинояти хусусияти байналмилалидошта» ва «ҷинояти конвенсионӣ»

васеътар аст. Ба ақидаи ӯ, ба нишонаҳои ҷинояти фаромиллӣ омилҳои зерин дохил мешаванд:

1. Табиати фаромарзии кирдор: ҷиноят дар қаламрави ду ва ё зиёда давлат содир карда мешавад.

2. Ҳайати байналмилалии гурӯҳи ҷиноятӣ: ба гурӯҳи муташаккил шаҳрвандони давлатҳои гуногун дохил мешаванд.

3. Тақсимоти ҷуғрофии иштирокчиён: иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил дар давлатҳои гуногун ҷойгиранд.

4. Имконияти салоҳияти давлатҳои дигар: давлатҳои дигар ҳуқуқ доранд салоҳияти худро нисбати ҷинояти дахлдор амалӣ кунанд» [92, с. 15-16].

Бидуни тафсилоти баҳс, бояд эътироф кард, ки тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҳам ҷинояти байналмилалӣ ва ҳам ҷинояти фаромиллӣ мебошад. Ин ба он вобаста аст, ки мубориза бо он дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сурат мегирад ва худи раванди тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ аксар вақт қаламрави якчанд давлатҳоро фаро мегирад.

Дар партави хусусияти фаромиллии тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-и муосир, ҳамкории давлатҳо дар мубориза бо паҳншавии он дар иқтисоди ҷаҳонӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Дар ин низоми ташкилоти полиси байналмилалии ҷиноятӣ (Интерпол) сохтори байниҳукуматӣ, ки 179 давлати иштирокчиро муттаҳид мекунад, ҷойгоҳи марказӣ дорад. Аз рӯйи шумораи аъзоён назар ба Созмони Милали Муттаҳид дар ҷойи дуюм меистад. Ташкилот дорои инфрасохтори муназзами коммуникатсионӣ ва системаи махсуси баҳисобгирии иттилоотии дорои аҳаммияти ҷиноятӣ мебошад, ки имкон медиҳад, ки мубодилаи фаврии маълумот ва дастрасии мустақим ба сохторҳои миллии ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда шавад.

Ҳангоми баргузории конфронси сеюми байналмилалӣ бахшида ба муқовимат ба сохтакории пул соли 1950 дар Гаага ҷойгоҳи Интерпол дар ин самт муайян гардид. Дар натиҷаи он ҳуҷҷати махсус қабул карда шуд,

ки мақоми Интерполро ҳамчун ягона сохтори байналмилалӣ, ки ба ин масъала мутахассис аст, мустаҳкам кард. Дар оянда Интерпол дар асоси мунтазам бо даврабандии як маротиба дар панҷ сол конфронсҳои соҳавӣ гузаронида, намояндагони бонкҳои эмиссионӣ ва идораҳои салоҳиятдори давлатиро барои иштирок ҷалб мекунад. Илова бар ин, Интерпол омори ҳамаҷонибаи ҳолатҳои тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро мебарад, ки ба ошкор кардани намудҳои нави он ва зуд огоҳ кардани аъзои худ дар бораи онҳоро имкон медиҳад. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалии мубориза бо ҷинояти мазкур Интерпол тавсияҳои методӣ таҳия мекунад, ки ба баланд бардоштани самаранокии фишангҳои ҳифзи асъори миллӣ равона карда шудаанд. Созмон инчунин таҷрибаи пешқадами мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои гуногунро дар соҳаи ошкор кардани ҳолатҳои сохтакории нишонаҳои пулӣ ва дигар воситаҳои пардохт, инчунин чопхонаҳо ва коргоҳҳои тайёр кардани онҳоро ҷамъбаст мекунад. Илова бар ин, Интерпол ба муайян кардани шахсияти тайёркунандагон ва паҳнкунандагони пули қалбакӣ ва таъмини сабти далелҳои моддӣ, мусоидат мекунад.

Мутахассисони Интерпол, ки дар соҳаи таҳлили иттилоот дар бораи тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) кор мекунанд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои гуногун дар мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба қалбакӣ тайёр кардани пул, машваратҳои фаврӣ медиҳанд ва ёрӣ мерасонанд. Ҳар сол коршиносони озмоишгоҳи махсус 700-800 экспертизаи банкнотҳо ва чекҳоро бо мақсади муайян кардани аслӣ будани онҳо ва аз рӯйи имконият, ошкор кардани манбаи пайдоиши нишонаҳои пулии қалбакиро, анҷом медиҳанд.

Табиати фаромиллӣ ва байналмиллалии тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) муносибати ҷаҳониро ба назорати он талаб мекунад. Тамоюлҳои мушоҳидашуда ба чунин назорати универсалӣ танҳо афзоиш хоҳанд ёфт. Дар акси ҳол, тақсим намудани ташкилотҳои ҷиноятӣ ҷаҳонро ба қаламравҳои дорои сатҳи гуногуни

хатар, идома медиҳанд. Кишварҳое, ки назорати нокифоя доранд, ба ҳамлагарон осебпазир мешаванд ва ба «марказҳои» фаъолият ва «паноҳгоҳҳо» табдил меёбанд [87, с. 24]. Интерпол тамоюлҳои ҷаҳонии тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар минтақаҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи кишварҳо назорат мекунад. Ташкилот ҳаҷми ин намуди ҷиноятқориро дар муддати кӯтоҳ ва дарозмуддат пешгӯӣ намуда, «тавсияҳоро оид ба муттаҳидсозии қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин стратегияҳои пешгирӣ ва мубориза бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро сари вақт таҳия менамояд» [130, с. 45]. Давлатҳои аъзои Интерпол имконият пайдо мекунанд, ки нишондиҳандаҳои ҷиноятқорӣ дар кишвари худро бо маълумоти дигар кишварҳо ва тамоюлҳои ҷаҳонӣ муқоиса кунанд. Ин ба ҳавасмандгардонии муттаҳидсозии низомҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи назорати ҷиноятҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), мусоидат мекунад.

Дар зери падидаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), пеш аз ҳама, омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҷойгиранд. Ба онҳо дохил мешаванд:

- Даромаднокии баланди фаъолияти бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), алоқамандбуда;

- Самаранокии нокифояи тадбирҳои назорати давлатӣ ва ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҷазоҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки ба шахсони бо тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) машғулбуда татбиқ карда мешаванд;

- Паҳншавии васеи техникаи нусхабардории муосир, ки назорати он дар сатҳи давлатӣ ва байналмилалӣ кофӣ нест;

- Дарки тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз ҷониби як қисми аҳолӣ ҳамчун ҷинояти дорои сатҳи пасти муайянкунӣ ва ҷазо.

Миқёси тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) асосан аз набудани маҳкумияти устувори ин амал дар ҷомеа ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок, вобаста аст, ки он на танҳо ба соҳаи гардиши пул ва иқтисодиёт, балки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, зарар мерасонад.

Ин ҳолат бо ҳамбастагии мураккаби омилҳои гуногун, ки ба криминализатсияи рафтори ғайриқонунӣ дар соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла низоми пулию қарзӣ мусоидат мекунанд, шарҳ дода мешавад.

Таҳлили тамоюлҳои муосир дар соҳаи ҷиноятқорӣ, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) алоқаманд аст, аз густариши фарогирии ҷуғрофии ин фаъолият ва баланд бардоштани сатҳи ташкили он шаҳодат медиҳад. Гурӯҳҳои ҷиноятқорие, ки бо сохтакории пул алоқамананд, бештар нақшҳоро байни ташкилкунандагон, тайёркунандагон ва ба муомилот бароварандагон дар сатҳҳои гуногун тақсим мекунанд. Бо мақсади кам кардани хатари ошкоршавӣ, онҳо инфрасохтори муомилоти пулии дохилӣ ва байналмилалӣ, низомҳои ҳифзи воҳиди пулӣ ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқии онро бодиққат меомӯзанд.

Яке аз омилҳое, ки ба коҳиши назарраси шумораи ҷиноятҳои ин навъ дар муддати тулонӣ монеъ мешаванд ва баръакс, ба афзоиши назарраси онҳо мусоидат мекунанд – интихоби роҳи осон ва суръати баланди тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мебошанд.

Масоили тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба ҷамъият хавфнокии ҷиддиро доро аст, зеро он пеш аз ҳама ба иқтисодиёти давлат зарар мерасонад. Бояд қайд кард, ки ин ҷиноят метавонад на танҳо ба низоми пулии миллӣ, балки ба низоми пулии байналмилалӣ низ зарари ҷиддӣ расонад. Мубрамияти ин алалхусус дар ҳолатҳое, ки ҷиноятқорон ҳалқаи фаромиллӣ таъсис медиҳанд, вазифаҳо ва соҳаҳои фаъолиятро тақсим мекунанд, инчунин воридоти миқдори зиёди асъори хориҷии қалбакиро ба қаламрави

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба муомилот баровардан амалӣ менамоянд, ифода мегардад. Ба сифати мисол, метавон амалияи судиро вобаста ба паравандаи ҷиноятӣ нисбати С.М., пеши назар овард. Инак, номбурда аввалҳои моҳи апрели соли 2021 бо ҳамроҳии шиносҳояш А.Т.А. ва М. ном шахси ба тафтишот номаълум дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон қарор доштаанд. Ӯ санаи 07 апрели соли 2021, бо ҳамроҳии шиносҳояш А.Т.А. ва М. ном шахс таввасути ҳавопаймо аз фурудгоҳи байналмиллалии шаҳри Тошканд ба шаҳри Истамбули Ҷумҳурии Туркия сафар намуда, чанд муддат дар меҳмонхонаи «Форс-Хотел» истиқомат намуда, дар ин муддат бо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Ҳ.С. шиносоӣ пайдо намуданд. Охирин, яъне Р.Ҳ.С. ба ӯ ва шиносаш А.Т.А. иброз намудааст, ки вай имконияти пайдо намудани долларҳои қалбакиро дорад ва агар онҳо хоҳиши ба даст овардани маблағҳои доллари қалбакиро дошта бошанд, ӯ метавонад барои онҳо чунин маблағҳои қалбакиро пайдо намояд. С.М. ва А.Т.А. бо мақсади ба даст овардани фоидаи муфт бо роҳи ба муомилот баровардани маблағҳои қалбакӣ ба таклифи Р.Ҳ.С. розӣ шуда, ба охирин маблағи 600 (шашсад) доллари ИМА-ро дар шакли аслиашон дода, бар ивазашон маблағи 1800 (як ҳазору ҳаштсад) доллари ИМА-и калбакӣ гирифтаанд. Баъдан, санаи 20 апрели соли 2021, тибқи маслиҳати пешакӣ Р.Ҳ.С. маблағҳои қалбакии ба С.М. ва А.Т.А. дар ҳаҷми 1800 доллари ИМА додаашро бозпас гирифта, тавассути шахсони ба тафтишот номаълум ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода, дар шаҳри Хуҷанд ба Р.И.М., ки шиноси С.М. мебошад, дастрас намуданд. Р.И.М. маблағҳои қалбакии аз рӯи маслиҳати пешакӣ бадастовардаашро ба шахсони ба тафтишот номаълум ба муомилот баровардааст [140].

Дар ҳаракатҳои гурӯҳҳои байналмилалии ҷиноятӣ, ки ба истифодаи муомилоти пулӣ бо мақсадҳои ғаразнок равона шудаанд, стратегияи на танҳо ба даст овардани даромад, балки ноором сохтани низоми молиявии Тоҷикистон низ пайгирӣ карда мешавад. Ин тавассути номураттаб сохтани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва нақдӣ ба даст

оварда мешавад, ки метавонад ба вайроншавии тамоми сохтори иқтисодии кишвар оварда расонад. Сатҳи баланди латентӣ доштани ин ҷиноят, инчунин зарари эҳтимолии он ба устувории низоми молиявӣ, диққати махсусро талаб мекунад. Фаҳмидани он муҳим аст, ки чунин ҳаракатҳо ба некӯаҳволии ҳар як шаҳрванд таъсири манфӣ мерасонанд, зеро ғанисозии ҷиноятқорон аз ҳисоби маблағҳои андозсупорандагон сурат мегирад.

Таҳлили омилҳои иҷтимоӣ, ки тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоранд, фарқгузориро талаб мекунанд. Аз як тараф, бояд шароити макроиқтисодиро ҷудо кард, ки мавҷудияти ин намуди ҷиноятро дар соҳаи молиявии ҷомеа ба вуҷуд меорад ё барои зуҳури он муҳити мусоид фароҳам меорад. Аз тарафи дигар, омилҳое, ки бевосита ба содир намудани ҷиноятҳои мушаххас мусоидат мекунанд, бояд баррасӣ карда шаванд. Ҳамбастагии мураккаб ва гуногунҷанбаи ин омилҳо вазъи криминогениро дар кишвар нисбат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ташаккул медиҳанд.

Дар вақти таҳқиқи сабабиятҳои ҷамъиятӣ, ки бо сохтакории пул алоқаманд, ба равишҳо ва хулосаҳои дар нашрияҳои илмӣ пешниҳодшуда такя кардан мақсаднок аст, зеро «асосҳои объективӣ-субъективии ҷиноятқорӣ, дар ояндаи наздик мавҷудияти худро гум намекунанд» [93, с. 7]. Ҳангоми таҳлили омилҳое, ки ҷиноятқории муосир, аз ҷумла ҷиноятқории иқтисодиро ба вуҷуд меоранд, илми криминология, сарфи назар аз баъзе ихтилофҳо дар назари тафсир ва таснифи онҳо, якдилона зарурати ба назар гирифтани дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодиро, ки бо падидаҳои манфии бӯҳронӣ ҳамроҳ мешаванд, эътироф мекунад. Дар робита ба ин, М.М. Бабаев қайд мекунад, ки «дар солҳои охир ба сатҳи ҷиноятқории бақайдгирифташуда ду омили асосӣ таъсири назаррас расонидаанд: якум, гузариши баҳснок, аммо ногузир ва мантиқӣ ба иқтисоди

бозаргонӣ; дуюм, харобшавии идоранашаванда ва дар давраи бозсозӣ ва ислоҳот идорашавандаи шаклҳои қаблии тоталитарии назорати ҷамъиятии ҷинояткорӣ бидуни ташаккули кофии фишангҳои нави демократӣ» [84, с. 19]. Бо назардошти таъсири омилҳои зикршуда, метавон хулоса кард, ки шароити иҷтимоӣ дар паҳн кардани «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», ки яке аз ҷиноятҳои маъмултарини иқтисодӣ мебошад, нақши муҳим мебозад.

Маҳакҳои асосии муайянкунандаи динамика ва миқёси сохтакории пулҳо инҳоянд:

1. Омодагии нокифояи дастгоҳи давлатӣ ба дигаргуниҳои бозаргонӣ, ки ба оқибатҳои манфӣ дар сиёсати иҷтимоӣ оварда расонд.

2. Радди ғайриқонунии давлат аз иштирок дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои молиявӣ дар марҳилаи ташаккули иқтисоди бозаргонӣ.

3. Дар муддати дароз мавҷуд набудани танзими дақиқи қонунгузорӣ дар соҳаи молиявӣ.

4. Сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ дар масъалаҳои муносибатҳои бозаргонӣ.

5. Самаранокии нокифояи мақомоти назоратӣ дар муайян кардани робитаҳои байни вайронкуниҳо дар соҳаи молиявӣ ва падидаҳои нави иқтисодӣ.

6. Вокуниши сусти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба таҳдидҳои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» дар шароити тағйирёбандаи иқтисодиёт.

7. Фаъолияти қасдонаи гурӯҳҳои ҷиноятӣ, ки ба ноил шудан ба манфиатҳои маҳдуди гурӯҳӣ дар соҳаи молиявӣ равона карда шудааст.

Албатта, сабабҳои зикршуда шартан, ҳамчун сабабҳои мустақил ҷудо карда шудаанд. Дар амалия, онҳо бо ҳам зич алоқаманданд ва ба ҳамдигар вобастаанд.

Дар рафти таҳлили омилҳои мушаххаси иҷтимоӣ, ки ба ҷинояти «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки

қалбакӣ (сохта)» мусоидат мекунанд, бояд сабабҳои ба чунин кирдор водор кардани шахсро таҳқиқ кард ва инчунин омилҳои асосии равониро, ки намунаи амалкунандаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро ташкил медиҳанд, ҷудо кард.

Низоми иқтисодии дар кишвари мо дар давраи шӯравӣ мавҷудбуда бо сатҳи баланди танзим аз ҷониби давлат ва назорати шадиди маъмурӣ ва ҳуқуқӣ хос буд. Набудани фишангҳои бозаргонӣ ва ангезаҳои табиӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, рушди иқтисодиро бозмедошт. Аз байн рафтани низоми сотсиализми тоталитарӣ ба бӯҳрони давлатдорӣ ва вайрон шудани фишангҳои фаъолияти он оварда расонд. Ин дар навбати худ ба барҳам додани иқтисодиёти нақшавӣ ва аз даст додани қобилияти давлат барои идоракунии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ оварда расонд.

Барои содир кардани ягон ҷиноят шартҳои зарурӣ мавҷуданд. Дар мавриди тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ин шартҳо аз як қатор омилҳои иҷтимоӣ вобастаанд, ки минбаъд баррасӣ карда мешаванд. Онҳо иборатанд аз:

- Шаффофияти нокифоя ва назорати истеъмоли металлҳои зудгудохташаванда ва руҳ.

- Тадбирҳои номувофиқ оид ба таъмини бехатарии захираҳои моддӣ ва таҷҳизот дар корхонаҳо.

- Сатҳи пасти назорат аз ҷониби роҳбарияти корхонаҳо оид ба истифодаи таҷҳизот, аз ҷумла ваннаҳои электролизӣ, прессҳо ва мошинҳои коркарди металл.

- Сатҳи пасти огоҳии кормандоне, ки пардохтҳоро аз аҳолӣ қабул мекунанд, оид ба нишонаҳои аслии пул.

- Муносибати бепарвоёнаи кормандони масъули қабули пули нақд аз аҳолӣ ба вазифаҳои кории худ.

- Набудани назорати дуруст барои дастрасии одамон ба техникаи зиёдкунанда.

Илова ба шартҳои мавҷуда, ки ба афзоиши ҷинояткорӣ дар маҷмуъ мусоидат мекунанд, ба динамикаи манфии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) омилҳои муҳимми мушаххас низ таъсир мерасонанд. Ба ақидаи мо, ин омилҳоро метавон ба таври зерин тасниф кард:

1) васеъ кардани миқдори пули нақд дар муомилот;

2) бекор кардани маҳдудиятҳо оид ба харид ва истифодаи таҷҳизоти нусхабардорӣ ва бисёркунанда;

3) муомилоти асъори хориҷӣ дар қаламрави давлат дар баробари асъори миллӣ;

4) тамдиди даврае, ки дар давоми он пулҳои коғазӣ ва тангаҳо метавонанд дар муомилот бе иштироки муассисаҳои бонкӣ истифода шаванд;

5) самаранокии нокифояи системаи огоҳкунии ҷамъиятӣ дар бораи паҳн кардани пулҳои қалбакӣ;

6) ба муомилоти пулӣ ворид шудани билетҳо бо қурби баланд;

7) набудани таҷҳизоти муосир ва боэътимоди ҳисобкунии пули нақд ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо мизоҷон мушкилот эҷод мекунад, ки раванди қабули пардохт барои молҳо ва хидматҳо, инчунин ташаккули даромади рӯзонаро душвор мегардонад;

8) тавсеаи дастрасӣ ба техникаи нусхабардорӣ доираи бештари шахсонро фаро мегирад;

9) идомаи низоми пардохти ғайринақдӣ;

10) захираи маҳдуди буҷетӣ, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷудо карда шудааст, ба қобилияти онҳо барои самаранок амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба дарёфт ва ошкор намудани шахсоне, ки бо тайёр кардани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва молҳо дар марҳилаҳои аввали истеҳсоли онҳо машғуланд, таъсири манфӣ мерасонад;

11) навсозӣ ва афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ дар соҳаи полиграфия;

12) набудани заминаи зарурии моддӣ-техникӣ барои амалӣ

намудани назорати асбобии аслӣ будани билетҳо;

13) сатҳи нокифояи ҳифзи техникии нишонаҳои пулӣ ва коғазҳои қиматнок;

14) мунтазам ба муомилот баровардани пулҳои коғазӣ ва тангаҳои нав;

15) васеъ кардани доираи гардиши маблағҳои калони пулӣ маънои зиёд кардани шумораи соҳаҳо ва ҳолатҳоеро дорад, ки дар онҳо маблағҳои зиёди молиявӣ истифода мешаванд;

16) тақсимоти беназорати таҷҳизоти нусхабардорӣ;

17) таҳдиди афзояндаи воридшавии пулҳои қалбакӣ ва асъори хориҷӣ аз хориҷа ба мушоҳида мерасад;

18) такмили ихтисос ва такмили усулҳои муайян намудани пулҳои қалбакӣ;

Афзоиши ҷинояткорӣ дар ин соҳа қисман ба мафкураи охири асри XX вобаста аст, ки хоҳиши муваффақияти моддиро бо ҳар ваҷҳ эълон мекард. Ин муқаррарот асосан дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии давраи бозсозӣ буд. Омили иловагӣ, ки вазъиятро бадтар мекунад, набудани имконият барои ташаккули муносибатҳои пурраи молӣ ва пулӣ дар доираи иқтисоди бозаргонӣ буд. Ба таври тулонӣ саркӯб кардани ташаккули табиии фишангҳои бозорӣ ба тадриҷан дар ҷомеа решакан кардани дарки фаҳмиши меъёрҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла чорчӯбаи ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ ва муайян кардани ҳудуди рафтори иҷозатдодашуда мусоидат кард.

Ба ақидаи Р. Айдинян ва Я. Геслинский, «буҳронҳои иқтисодӣ ба афзоиши ноустувории сиёсӣ оварда мерасонанд. Дар ин давра давлат дар амалӣ намудани назорат ва идоракунии самараноки ҷомеа бо мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Барои як қисми аҳолӣ, вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ, метавонад ҳамчун чораи маҷбурӣ барои зинда мондан, қабул карда шавад» [52, с. 10].

Муноқишаи афзояндаи иҷтимоию иқтисодӣ, ки бо маълумоти оморӣ дар бораи афзоиши ҷиноятҳои иқтисодӣ, аз ҷумла тайёр кардан ё

ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) тасдиқ шудааст, на танҳо ба фароҳам овардани фазои бечазоӣ ҳангоми тайёр кардан ва ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ, балки ба ҳаракатҳои воқеии зиддиҷамъиятӣ оварда мерасонад. Сохтори ташаккули амали ғайриқонунии инфиродӣ, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ алоқаманд аст, метавонад дар талаботи иқтисодӣ ва воқеияти иҷтимоӣ ифода карда шавад.

Васеъшавии ҳудуди тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ бо як қатор омилҳои иҷтимоӣ вобаста аст. Ба онҳо дохил мешаванд:

– равандҳои таваррум ва бекурбшавӣ марбут ба асъори миллӣ;

– афзоиши ҳаҷми пулии асъорҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ;

– такмили доимии технологияҳои истеҳсоли полиграфӣ, ки сифати пулҳои қалбакиро баланд мебардоранд;

– дастрасии озод ба дастгоҳҳои нусхабардории бисёрфункционалӣ бо идоракунии барномавӣ, ки он имкон медиҳад, ки пул ё коғазҳои қиматноки аз ҷиҳати шакл ва ранг мураккабро тайёр намоянд;

– набудани муносибати ягонаи қонунгузорӣ ба ҳимояи пул бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои гуногун.

Номукаммалии қонунгузории ҷиноятиро ҳамчун яке аз омилҳое, ки ба афзоиши тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мусоидат мекунад ва муборизаи муассирро бо ин ҷиноят дар сатҳи байналмилалӣ мушкил мекунад, қайд намуда, бояд ба назар гирифт, ки ба монанди марҳилаҳои аввали ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», дар айни замон тамоюли ҷазои сахттар барои қалбакӣ тайёр кардани пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ ба назар мерасад.

Кодексҳои ҷиноятии аксари кишварҳои ҷаҳон барои тайёр кардан

ва ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакии дар қаламрави ин кишвар дар муомилотбуда, ҷазоҳои шадид муқаррар мекунанд. Мисолҳои зеринро оид ба ин ҳолат овардан мумкин аст: дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, барои ин ҷиноят шахси гунаҳгорро метавонанд ба 15 соли маҳрум сохтан аз озодӣ, ҷарима ба маблағи 5 ҳазор доллари ИМА ё ба ҳарду намуди ҷазо дар як вақт маҳкум намоянд; дар Дания муҳлати ҳадди аксар барои ин ҷиноят 12 соли маҳрум сохтан аз озодиро ташкил медиҳад.

Гарчанде ки тақаллуби асъор дар саросари ҷаҳон ҷинояти ҷиддӣ эътироф шудааст, сатҳи таъин намудани ҷазои баландтар барои он метавонад вобаста ба давлат ва намуди асъори бо роҳи қалбакӣ тайёркардашуда фарқ кунад. Ба сифати мисол Ҷопонро овардан мумкин аст, ки дар он ҷо тайёр кардани йенаи қалбакии ҷопонӣ ба якумра аз озодӣ маҳрум сохтан оварда мерасонад, дар ҳоле ки барои тайёр кардани асъори хориҷии қалбакӣ, ба монанди доллари ИМА, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду сол ё бештар аз он, муайян гардидааст. Ғайр аз он, дар баъзе ҳолатҳо, мурофиаи пулии қалбакӣ метавонад ҳузури коршиноси кишвареро талаб кунад, ки асъори он кишвар бо роҳи қалбакӣ тайёр шудааст. Ин метавонад мушкилоти муайянеро ба вуҷуд орад, ки бо ҳамкории байналмилалӣ ва дастрасии мутахассисон, алоқаманданд.

Дар хотима бояд қайд кард, ки як қатор омилҳои иҷтимоӣ на танҳо ба ҳифз, балки ба афзоиши доимии «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Ба шумораи онҳо чунин омилҳо дохил мешаванд:

1. Беҳтар кардани муносибатҳои байни давлатҳо, густариши робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, баланд бардоштани шаффофияти марзҳо, рушди тиҷорати байналмилалӣ, пайдоиши бозорҳои нави фурӯш, содда кардан ва афзоиши ҳамлу нақли байналмилалӣ. Гарчанде, ки ин равандҳо дар маҷмуъ ба беҳтар шудани сифати зиндагии одамон

дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, онҳо ҳамзамон барои фаъолияти фаъолонаи гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккили фаромиллӣ, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) машғуланд, шароити мусоид фароҳам меоранд.

2. Густариши шабакаҳои байналмилалии молиявӣ, ки гардиши пулии байнидавлатиро пурзӯр мекунанд, танзими давлатӣ ва назорати ҷараёни пулро хеле мушкил мекунанд. Ин барои пинҳон кардани миқдори зиёди пули қалбакӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

3. Муҳоҷирати афзояндаи аҳолӣ ва ташаккули диаспораҳои этникӣ дар кишварҳои гуногун аз ҷониби ташкилотҳои ҷиноятии фаромиллӣ барои ташкили гурӯҳҳои байналмилалии ҷиноятӣ, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ машғуланд, фаъолона истифода мешаванд. Ин гурӯҳҳо бо ҳамбастагии зиёд ва устуворӣ, ба таъсири мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фарқ карда мешаванд.

4. Фарқиятҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои гуногун аз ҷониби шахсони ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) машғулбуда барои таъмини амнияти бештар ҳангоми содир кардани амалҳои ғайриқонунии марбут ба тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ, моҳирона истифода мешаванд.

5. Ташаккули мегаполисҳои бисёрмиллӣ ҳамчун марказҳои фаъолияти молиявӣ ва тиҷоратӣ, ки дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ нақши калидӣ доранд ва интиқоли маблағҳои назаррасро таъмин мекунанд, барои истифодаи онҳо аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бо мақсади амалӣ намудани тақаллуби молиявӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳаҷми зиёди амалиёти молиявӣ дар чунин мегаполисҳо ошкор ва қатъ кардани фаъолияти ғайриқонунии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро, ки амалҳои худро дар заминаи ҷараёни пулии қонунӣ пинҳон мекунанд, душвор мекунад.

6. Паҳншавии технологияҳои пешрафта ва дастрасии онҳо барои амалӣ намудани ҷиноятҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), шароити мусоид фароҳам меорад.

БОБИ II. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА)

2.1. Объект ва предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)

Таҳлили нишонаҳои объективии таркиби ҷиноят, аз ҷумла кирдоре, ки барои сохтакории пул пешбинӣ шудааст, тавассути баррасии ду унсури асосӣ: объекти ҷиноят ва тарафи объективии он амалӣ мегардад.

Объекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта). Масъалаи объекти ҷиноят мавзуи омӯзиши ҷиддӣ аз ҷониби муаққиқони зиёд мебошад. Ин муносибат бо он вобаста аст, ки таълимот дар бораи объекти ҷиноят имконият медиҳад, то хусусиятҳои асосии ҷиноят ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ амиқтар ошкор гардад. Соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ зери ҳифзи Кодекси ҷиноятӣ мебошанд, дар як ҷо намеистанд, зеро бо пайдо шудани робитаҳои навини иҷтимоӣ дар самтҳои сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таҳаввул меёбад. Таҳаввули муносибатҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба таври қонунӣ ба ислоҳи тасаввуроти илмӣ дар бораи мундариҷаи манфиатҳои ҳифзшаванда, ки метавонанд объекти таҷовузи ҷиноятӣ шаванд, оварда мерасонад. Аз ҷумла, ин ба амалҳои ғайриқонунӣ, ба монанди «тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», дахл дорад.

Дар адабиёти ҳуқуқии замони Шуравӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҳамчун ҷинояти давлатӣ эътироф карда мешуд. Бояд қайд намуд, ки «моддаи 85 КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани

пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ» пешбинӣ карда буд, дар боби 1 «Ҷиноятҳои давлатӣ» фасли II «Дигар ҷиноятҳои давлатӣ»» [15, с. 335], дохил карда шуда буд. Ин мавқеъ ба он асос ёфта буд, ки тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба кори низоми муомилоти пулӣ, ки дар ИҶШС муайян гардида буд, ҳисороти калон расонида, устувории низоми пулии ин давлатро, ки унсури калидии идоракунии молиявии давлатӣ ба ҳисоб мерафт, халалдор мекунад. Гарчанде ки як қатор муҳаққиқон ҷиноятҳои соҳаи молиявиро дар асоси Кодекси ҷиноятии ҶШФСР (аз соли 1960) таҷдиди назар намуда, дар бораи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) зикр карданд, онҳо онро ба ҷиноятҳои хоҷагидорӣ дохил накарданд [44, с. 6-7].

Криминалистони шуравӣ ҳамчун анъана соҳаи муомилоти нишонаҳои пулӣ ва коғазҳои қиматнокро дар ИҶШС ҳамчун мавзуи асосии омӯзиш ҳангоми тафтиши ҳолатҳои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), баррасӣ мекарданд [51, с. 245]. «Дар ҳолатҳои марбут ба тайёр кардани асъори хориҷии қалбакии давлатҳои иштирокчии Конвенсияи Женева аз соли 1929, мавзуи таҳлил системаи пулию қарзии дахлдори ин давлат қарор мегирифт» [66, с. 84; 67, с. 87].

Қайд намудан бамаврид аст, ки «Дар шароити ислоҳоти бозаргонӣ ва тағйироти куллӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла аз нав бандубаст намудани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба ҷиноятҳои иқтисодӣ, андешаҳои коршиносон дар бораи ҷойи ин ҷиноят дар низоми ҷиноятҳои иқтисодӣ, сарфи назар аз таҳаввулот, то ҳол дар масъалаи муайян кардани объекти бевоситаи он якдилона нестанд. Чунин номуайянӣ қисман бо набудани консепсияи ягонаи системаи ҷиноятҳои иқтисодӣ дар таълимоти муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин норасоии таснифи умумиқабулшудаи ҷиноятҳои пешбининамудаи боби 22 КҶ Федератсияи Россия (мувофиқ ба боби 27 КҶ ҶТ) бо назардошти объектҳои бевоситаи онҳо шарҳ дода

мешавад. Олимон ба ин далел дуруст ишора мекунанд» [39, с. 43-47].

Таҳлили китобҳои ҳуқуқӣ равишҳои мухталифро ба сохтори таркиби ҷинояти марбут ба сохтакории пул дар доираи категорияи ҷиноятҳои иқтисодӣ, инчунин муайян кардани объекти бевоситаи он, ошкор мекунад.

Олимони гуногун тафсирҳои гуногуни мафҳуми тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро аз нуқтаи назари таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ пешниҳод мекунанд. Н.А. Лопашенко бар ин назар аст, ки «тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо татбиқи манъи рафтори ҷиноятӣ дар соҳаи иқтисодиёт алоқаманданд, таҷовуз мекунанд» [45, с. 43-47]. Ба ақидаи А.А. Аслаханов, «тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба кирдорҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи мубодила дахл дорад» [114, с. 27-28]. И.В. Шишко чунин мешуморад, ки «тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) муносибатҳои дар соҳаи эмиссия ва гардиши маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтро вайрон мекунад» [26, с. 6-7].

Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки объекти бевоситаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) фишанги мавҷудаи гардиши онҳо мебошад [24, с. 91; 78, с. 226; 62, с. 215].

Дар доираи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таърифҳое васеъ паҳн шудаанд, ки объекти бевоситаи ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки барои таъмини кори устувори низоми пулию қарзӣ [77, с. 309; 76, с. 215] ё ҳимояи манфиатҳои молиявии кишвар заруранд [79, с. 474], шарҳ медиҳанд. Боиси тазаккур аст, ки «тарафдорони таснифи «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ҳамчун ҷиноятҳои марбут ба соҳаи

молия, эҳтимолан аз фарогирии васеи мафҳуми «низоми молиявӣ» дар ҳайати он як қатор зергурӯҳҳои нисбатан мустақили муносибатҳоро ҷудо мекунанд, аз ҷумла, онҳо ба муносибатҳои марбут ба муомилоти воситаҳои пардохт таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онҳоро объекти бевоситаи ҷинояти таҳлилшаванда мешуморанд» [25, с. 17-19; 106, с. 36].

Ба ақидаи мо, дар вақти таъсиси объекти бевоситаи ҷинояти мавриди назар бояд робитаи зичи мафҳумҳои «низоми молиявӣ» ва «муносибатҳои пулию қарзӣ» ба назар гирифта шавад. Дар ин ҳолат, ҳамчун категорияи афзалиятнок ҷудо кардани муносибатҳои пулию қарзӣ мақсаднок аст онҳо хусусияти таҷовузро дақиқтар инъикос мекунанд ва имкон медиҳанд, ки моҳияти амали ғайриқонунӣ дурусттар ошкор карда шавад. Тавре ки ба ҳама маълум аст, молия низоми муносибатҳои пулӣ мебошад, ки бо ҷамъоварӣ, тақсимот ва истифодаи маблағҳои пулӣ барои таъмини моддии иҷрои функсияҳо ва вазифаҳои давлатӣ алоқаманд аст [42, с. 5]. Фаъолияти молиявӣ маҷмуи муносибатҳои дар ҷараёни ташаккул, тақсимот ва истифодаи захираҳои пулӣ бавуҷудомадаро фаро мегирад. Фаъолияти низоми молиявӣ тавассути ҳаракати пули нақд ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар доираи муносибатҳои пулию қарзӣ амалӣ карда мешавад. Бояд қайд кард, ки низоми молиявӣ на танҳо бо муносибатҳои пулию қарзӣ маҳдуд аст, балки инчунин муносибатҳои идоракуниро дар асоси принсипҳои ҳокимият ва тобеият, ки давлат яке аз тарафҳо мебошад, дар бар мегирад. Дар робита ба ин, дар адабиёти махсус робитаи зичи байни низоми молиявӣ ва муносибатҳои пулӣ таъкид карда мешавад, дар ҳоле ки ба ғайри қобили қабул будани мутобиқсозии онҳо таъкид карда мешавад. Масалан, Ю.А. Крохина таъкид мекунад, ки мафҳуми «молия» танҳо муносибатҳои пулиро дар бар мегирад, ки шакли хоси ҳаракати арзиширо доранд. Ин шакл бо тақсимоти даромад ва пасандозҳои пулӣ, инчунин ташаккули фондҳои муайяни захираҳои пулӣ алоқаманд аст. Фарқи муҳимми муносибатҳои молиявӣ аз дигар муносибатҳои пулӣ дар набудани баробарӣ мебошад. Дар аксари ҳолатҳо, ҳаракати пул бо

ҳаракати муқобили молҳо, корҳо ё хидматҳо ҳамроҳ мешавад, ки ба муносибатҳои пулӣ хусусияти баробар медиҳад. Муносибатҳои молиявӣ ба эҷоди қаноатмандии муқобил равона карда нашудаанд ва ҳаракати онҳо хусусияти ҷубронкунанда надоранд [42, с. 2].

Тафовут дар мундариҷаи муносибатҳои молиявӣ ва пулию қарзӣ, инчунин таносуби миқдории онҳо (дар ин ҳолат аввалинҳо ба дуюм дохил карда мешаванд, яъне нисбат ба намуд ва зергурӯҳ мебошанд) имкон медиҳад, ки объекти ҷинояти мазкур ба низоми пулию қарзӣ диққат дода шавад. Аммо ин мавқеъ асоснокии минбаъдаро талаб мекунад.

Барои пурра фаҳмидани моҳияти ҷинояти марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ҳамаи ҷузъҳои таркибии онро ба таври муфассал таҳлил кардан лозим аст, яъне:

1) муайян кардан лозим аст, ки дар заминаи м. 281 КҶ ҶТ мафҳумҳои «билетҳои Бонки миллии Тоҷикистон» ва «танга» чӣ маъно доранд;

2) сохтори низоми пулиро дар маҷмуъ муайян кардан лозим аст;

3) бояд мафҳуми «муносибатҳои қарзӣ» маънидод карда шавад;

4) муайян кардани объекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бояд ҳам асъори миллӣ ва ҳам асъори хориҷӣ, инчунин коғазҳои қиматнокро дар бар гирад.

Баррасии ҳар яке аз ин ҷанбаҳо имкон медиҳад, ки дар бораи предмети ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ фаҳмиши ҳамаҷониба ба даст оварда шавад.

Пул, ки ба сифати предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) баромад мекунад, моли хосест, ки ҳамчун ченаки умумӣ амал мекунад. Он аз бисёр молҳои дигар дар ҷараёни таҳаввули муомилоти молӣ ба таври худсарона ҷудо карда шудааст [41, с. 23]. Дар ҷараёни рушди таърихӣ

нақши пулро ашёҳои гуногун иҷро мекарданд. Дар ибтидо ҳамчун пул ҳайвонҳо, ба монанди чорво, пашм ва пӯсти он истифода мешуданд, сипас металлҳои нодир ба туфайли хосиятҳои худ: якхелагӣ, тақсимшавӣ, нигоҳдорӣ ва интиқолдиҳӣ вазифаи пулро иҷро мекарданд, ки онҳоро барои ин мақсад мувофиқтар мекард.

Пул, гарчанде ки ҳамчун мол амал мекунад, табиати беназир дорад. Дар фарқият аз дигар молҳое, ки арзиши истеъмолиро инъикос мекунанд, пул таҷассумгари пинҳонии меҳнати дар онҳо ҷойгиршуда мебошад. Ин арзиш тавассути баробар кардани мол ба ченаки умумӣ – пул равшан мегардад. Вобаста ба ин, пул ҳамчун ифодаи мустақим ва универсалии арзиш амал мекунад. Аз ин рӯ, тақаллуби нишонаҳои пулӣ боиси таҳрифи худи моҳияти арзиш мегардад.

Дар адабиёти илмӣ таъкид карда мешавад, ки воҳидҳои пулӣ, алахусус дар шакли ҷисмонии онҳо, хусусиятҳои муайян доранд. Ба онҳо дохил мешаванд:

1. Аслият, ки тавассути технологияи мураккаби истеҳсолот ба даст оварда мешавад, ки тақаллубро душвор мекунад.

2. Қулай будани муомилот, ки бо мукаммалӣ, фарқият ва шинохтани нишонаҳои пулӣ таъмин карда мешавад.

3. Устуворӣ, ки бо истифодаи пулро ба муддати дароз таъмин мекунад.

4. Тақсимшавӣ, яъне имконияти тақсимоти воҳидҳои пулӣ ба воҳидҳои хурдтар, ки имконияти иваз кардани пулҳои калонро ба пулҳои хурд таъмин мекунад.

5. Якхелагӣ, маънои онро дорад, ки воҳидҳои пулии якарзиша новобаста аз шакли ҷисмонии онҳо (коғазӣ, металлӣ ва ғайра) қобилияти харидории баробар доранд [105, с. 221-222].

Пулҳо дар шакли коғазҳо (банкнотаҳо, билетҳо) ҳамчун намоиши рамзии воҳидҳои пурраи пулӣ амал мекунанд. Пайдоиши онҳо бо рушди муомилоти металлӣ алоқаманд аст, ки дар он онҳо дар аввал ҳамчун ивазкунандаи тангаҳои нуқрагин ё тиллоӣ баромад мекарданд.

Имконияти истифодаи чунин ҷойгузинҳо аз вазифаи асосии пул ҳамчун воситаи муомилот, яъне қобилияти онҳо ҳамчун миёнарав дар раванди мубодилаи молҳо вобаста аст. Татбиқи ин имконият дар амал натиҷаи раванди тулонии таърихӣ мебошад, ки якчанд марҳилаҳои пайдарпайро дар бар мегирад [33, с. 45].

Марҳилаи аввал бо вайроншавии воҳиди пулӣ ифода мегардад, вақте ки тангаи пураризиш хусусияти худро гум мекунад, он ба рамзи одии арзиш табдил меёбад.

Марҳилаи дуюм қасдан вайрон кардани пули металлӣ аз ҷониби давлат мебошад. Бо ин мақсад, миқдори металлҳои қиматбаҳо дар тангаҳо ба таври сунъӣ коҳиш меёбад, ки ин ба давлат имкон медиҳад, то ки фоидаи иловагӣ ба даст орад.

Марҳилаи сеюм бо эмиссияи хазинадории пулҳои коғазӣ алоқаманд аст, ки маҷбуран ба пулҳои металлӣ баробараризиш эълон карда мешаванд. Ин тадбир инчунин ба афзоиши даромади хазинаи давлатӣ нигаронида шудааст.

Таҳаввулоти гардиши пул, аз истифодаи тангаҳои пураризиши металлӣ то пайдоиши пулҳои коғазӣ, роҳи дарозеро тай кардааст. Аввалин тангаҳо дар Лидия ҳанӯз дар асри VII пеш аз милод пайдо шудаанд. Дар асри XII дар Чин аввалин пули коғазӣ бароварда шуд ва дар Аврупо ва Амрико ин танҳо дар асрҳои XVII-XVIII рух дод [33, с. 34]. Бори аввал пул дар шакли коғаз (банкнота) дар қаламрави Тоҷикистони муосир, ки он вақт дар ҳайати аморати Бухоро дохил буд, соли 1918 бароварда шуд. Ин нишонаҳои пулӣ «танга» номида мешуданд [132].

Ҳамин тариқ, моҳияти пул ба он вобаста аст, ки онҳо барои маблағгузории норасоии буҷет бароварда мешаванд ва бо металлҳои қиматбаҳо таъмин карда намешаванд, аммо қувваи ҳатмии муқаррарнамудаи давлатро доранд.

Хусусияти муҳимми пулҳои коғазӣ аз он иборат аст, ки онҳо аз муқаррароти давлатии қурби маҷбурӣ вобастаанд, зеро онҳо худ арзиши

дохилӣ надоранд. Бо ин таъминоти давлатӣ, пули коғазӣ мақоми намояндаи арзиши муомилотро ба даст меорад, ки ҳамчун воситаи пардохти молҳо ва хидматҳо амал мекунад. Аз ин рӯ, ҳар як амали бо тайёр кардани пули қалбакӣ алоқаманд, метавонад ҳамчун ҷиноят ба муқобили қонунияти арзиши намояндагии маблағе, ки дар муомилот барои пардохт истифода мешавад, муайян карда шавад.

Эмиссияи нишонаҳои пулӣ ба Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст, ки ин аз ду фишанги асосӣ вобастагӣ дорад: якум, давлат хароҷоташро аз ҳисоби интишори маблағҳои пулӣ мепӯшонад; дуюм, он аз Бонки миллӣ захираҳои қарзӣ мегирад, ки барои пӯшонидани норасоии буҷет истифода мешаванд. Фарқи байни арзиши номиналии пулҳои баровардашуда ва хароҷоти тайёр кардани онҳо (арзиши коғаз ва чоп) даромади эмиссионо ташкил медиҳад, ки қисми зиёди даромади давлатӣ мебошад. Аз ин рӯ, тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) кирдори ғайриқонунӣ мебошад, ки ба муқобили манфиатҳои молиявии давлат, ки бо гирифтани даромади эмиссионӣ алоқаманд аст, равона карда шудааст.

Объекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҳангоми таҳлили функсияҳои пул аниқтар ошкор карда мешавад. Дар низоми иқтисодӣ пул як қатор нақшҳои калидиро иҷро мекунад: он ҳамчун меъёри арзиши молҳо ва хидматҳо хизмат мекунад, қулай мубодилаи тиҷоратро (воситаҳои муомилотро) таъмин мекунад, имкон медиҳад, ки сарват ҷамъ карда шавад, ҳамчун воситаи пардохт ва асъори байналмилалӣ амал мекунад.

Баррасии функсияҳои пул имкон медиҳад, ки объекти ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ муайян карда шавад. Дар ин замина, мо ба функсияҳои зерини воситаҳои пулӣ таваҷҷуҳ дорем: андозаи арзиш, воситаи муомилот, воситаи пардохт ва пулҳои ҷаҳонӣ.

Андозаи арзиши молу маҳсулот дар шакли пулӣ объективӣ инъикос карда мешавад. Аз ин сабаб, пул ҳамчун таҷассуми универсалӣ

ва ченаки арзиши мол баромад мекунад. Ҳангоми мубодила молу маҳсулот аз ҷиҳати равонӣ ба эквиваленти пулӣ баробар карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки ин функсияро на аломатҳои рамзӣ, балки пулҳои пуррае, ки дорои арзиши худ мебошанд, иҷро мекунанд. Арзиши мол, ки дар шакли пулӣ ифода ёфтааст, дар шакли нарх зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, тақаллуби воҳидҳои пулӣ таҷовузи мустақим ба андозаи арзиши молу маҳсулот мебошад, ки бо нархи онҳо муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми баррасии функсияи пул ҳамчун воситаи муомилот, бояд қайд кард, ки муомилоти молӣ ду марҳилаи тағйирёбии шакли арзишро дар бар мегирад: фурӯши як молу маҳсулот ва хариди молу маҳсулоти дигар. Дар ин раванд, пул дар мубодилаи ду молу маҳсулот миёнарав буда, схемаи «мол-пул-мол»-ро амалӣ мекунад. Аз ин рӯ, нишонаҳои пулии қалбакӣ, ки предмети ҷиноят мебошанд, пайдарпайии муомилоти молу маҳсулотро вайрон мекунанд.

Муомилоти пулӣ нисбат ба низоми бартерӣ як қатор афзалиятҳо дорад. Аввалан, он мутобиқати эҳтиёҷоти иштирокчиён мубодиларо талаб намекунад. Дуюм, муомилоти пулӣ зарурати ҳамоҳангсозии санадҳои хариду фурӯшро дар вақт бартараф мекунад. Сеюм, он маҳдудиятҳоро дар ҷойи амалиёти тиҷоратӣ бартараф мекунад.

Рушди мубодилаи мол бо истифодаи пул ҳамчун воситаи муомилот, ки маҳдудиятҳои мубодилаи мустақимро бартараф мекунад, ҳавасманд карда мешавад. Таъкид кардан муҳим аст, ки барои иҷрои ин функсия воҳидҳои воқеии пулӣ лозиманд, на консепсияҳои абстрактӣ. Дар раванди хариду фурӯш пул ҳамчун миёнарави муваққатӣ амал мекунад ва метавонад бо аломатҳои арзиш иваз карда шавад. Бо афзоиши гардиши пул дар баробари пулҳои металлӣ пулҳои коғазӣ низ паҳн шуданд. Аммо, сохтакории воҳидҳои пулӣ таҳдиди ҷиддӣ ба устувории тамоми раванди муомилоти пулӣ мебошад.

Функсияи пул ҳамчун воситаи пардохт дар раванди рушди муносибатҳои қарзии хоси иқтисоди капиталистӣ ба вуҷуд омад. Дар

чунин низом пул истифода мешавад:

- ҳангоми фурӯши мол ба қарз. Ин зарурат ба фарқиятҳо дар шароити истеҳсол ва муомилоти молҳо, тағйиребии мӯҳлати истеҳсол ва гардиши онҳо, инчунин мавсимии истеҳсолот вобаста аст;

- ҳангоми пардохти музди меҳнат ба коргарон ва хизматчиён.

Ҳамин тариқ, ҳамчун воситаи пардохт амал карда, воҳидҳои пулӣ шакли махсуси гардишро ифода мекунанд, ва аз шакли гардише, ки ба онҳо ҳамчун воситаи муомилот хос аст, фарқ мекунанд. Инро ба таври схемавӣ чунин тасвир кардан мумкин аст:

- Функсияи пул ҳамчун воситаи муомилот: М-П-М (Мол-Пул-Мол);

- Функсияи пул ҳамчун воситаи пардохт: М-У-П (Мол-Уҳдадории қарзӣ-Пул), ки дар он «У» уҳдадории қарзиро ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти пул ҳамчун воситаи муомилот бо ҳаракати ҳамзамон пул ва мол тавсиф мегардад. Дар айни замон, истифодаи пул ҳамчун воситаи пардохт муваққатан ҳамоҳангсозии ин ҳаракатҳоро дар бар мегирад. Ҳангоми хариди мол бо қарз, харидор ба фурӯшанда вексел – ҳуҷҷати тасдиққунандаи уҳдадории қарзиро медиҳад, ки дар оянда иҷро карда мешавад.

Дар шароити пешрафтаи иқтисоди бозаргонӣ, маблағҳои пулӣ ҳамчун воситаи пардохт амал карда, ҳамкории истеҳсолкунандагони сершумори молҳоро таъмин мекунанд. Пайдоиши пули қалбакӣ метавонад ба вайроншавии гардиши пардохт оварда расонад, ки боиси буҳрон ва муфлисшавии корхонаҳо мегардад. Схемаи пешниҳодшуда ин равандро тасвир мекунад: М-У-П-М, ки дар он:

* М – мол;

* У – уҳдадории пардохт;

* П – пулҳо ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ;

* М – муфлисшавӣ.

Пулҳои ҷаҳонӣ, ки вазифаи воситаи байналмилалии пардохтро иҷро мекунанд, ҳанӯз дар ҷомеаҳои пеш аз капиталистӣ ба вуҷуд

омадаанд. Аммо, рушди пурраи онҳо бо пайдоиши бозори ҷаҳонӣ ба амал омад. Дар давраи аввали фаъолияти бозори ҷаҳонӣ нақши пулҳои ҷаҳониро тиллои намунаи баланд (995) иҷро мекард. Мувофиқи созишномаи Париж аз соли 1867, тилло расман шакли ягонаи пули ҷаҳонӣ эътироф карда шуд.

Ҳамзамон, пулҳои ҷаҳонӣ се функсияи асосиро иҷро мекунанд:

- Функсияи воситаи умумии пардохт: онҳо барои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи тавозуни байналмилалӣ, пеш аз ҳама аз рӯйи тавозуни пардохт истифода мешаванд.

- Функсияи воситаи умумии харид: онҳо барои хариди мустақими молҳо дар хориҷа ва пардохти онҳо бо пули нақд, масалан, дар сурати пайдо шудани норасоии озуқаворӣ (хариди ғалла, шакар ва ғайра) истифода мешаванд.

- Функсияи моддикунонии сарвати ҷамъиятӣ: онҳо ҳамчун воситаи интиқоли сарвати миллӣ аз як кишвар ба кишвари дигар дар шакли контрибусия, ҷубронпулӣ ё додани қарз хизмат мекунанд.

Давраи ҳукмронии стандарти тиллоӣ бо бартарии амалияи мувозинати пурраи тавозуни пардохт тавассути тилло тавсиф мегардид. Дар барбари ин, дар ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ асосан воситаҳои қарзӣ истифода мешуданд.

Дар асри XX, бо тақвияти ҳамгироии ҷаҳонӣ, векселҳо дар ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ васеъ паҳн шуданд. Дар фарқият аз тилло, ки воситаи ниҳоии пардохт буд, вексел ҳамчун воситаи таъхири пардохт буд. Хориҷ кардани тилло аз низоми байналмилалӣ, вақте ки «стандартҳои тиллоӣ» амали худро гум кард, ба ноустувории қурби асъор оварда расонд. Дар сурати набудани банкнотаи ҷаҳонӣ, асъори пешбари миллӣ, пеш аз ҳама фунт стерлинги британиёӣ ва доллари ИМА, бо фишори сиёсӣ ҷойи тиллоро ишғол карданд. Барои ин дар созишномаҳои байналмилалӣ, мамониятҳои асъорӣ ва низомҳои клирингӣ истифода шуданд.

Аввалин созишномаи байнидавлатӣ оид ба танзими муносибатҳои

байналмилалии молиявӣ дар Генуя соли 1922 ба имзо расид. Дар доираи он фунт стерлинг ва доллари ИМА ба тилло баробар карда шуданд ва мақоми асъори захиравии байналмиллалиро гирифтанд. Созишномаи дуюм дар Бреттон-Вуд, ки соли 1944 ба имзо расид, дар давраи баъдиҷангӣ ба низоми байналмилалии асъор асос гузошта, бартарият доштани нақши доллари ИМА-ро муайян кард.

Ҳамин тариқ, паҳншавии пул ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба муносибатҳои молиявии байналмилалӣ зарари ҷиддӣ мерасонад, қурби асъорро номуътадил мекунад ва ба некӯаҳволии иқтисодии давлатҳо зарар мерасонад. Бо дарназардошти ин, ҳангоми бандубасти ҳуқуқии ин ҷиноят бояд ҳамаи ҷанбаҳои ба ҳам алоқаманд ба назар гирифта шаванд, ва ин имкон медиҳад, то ки моҳияти кирдори марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) пурра ошкор карда шавад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, бояд таъкид кард, ки тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба иқтисодиёти бозаргонӣ таъсири харобиовар мерасонанд, ки онҳоро чунин баён кардан мумкин аст:

Якум, пулҳои қалбакӣ нақши ҷамъиятии пулро ҳамчун миёнарав дар муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандагони мол таҳриф мекунанд. Пул, ки ҳамчун «воситаи» робитаҳои иқтисодии ҷамъиятӣ хизмат мекунад, баҳисобгирии меҳнати ҷамъиятиро дар хоҷагии молӣ таъмин мекунад. Тайёр кардани пулҳои қалбакӣ ин робитаҳоро канда намуда, фаъолияти низоми иқтисодиро вайрон мекунанд.

Дуюм, тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) нақши сифатии пулро ҳамчун сармоя, яъне арзиши худтанзимкуниро бекурб мекунанд. Ворид кардани пул ба гардиши сармояи саноатӣ онро ба сармояи пулӣ табдил медиҳад, ки ҳам нуқтаи ибтидоӣ ва ҳам натиҷаи ин гардиш мебошад. Пули қалбакӣ ин равандро вайрон карда, устувории низоми молиявиро халалдор мекунад.

Маблағҳои молиявӣ дар истеҳсол ва фурӯши сармояи ҷамъиятӣ

нақши муҳим мебозанд ва ҳамчун ҷараёни пулӣ, ки ҳам дар дохили бахши истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот ва ҳам дар дохили бахши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва ҳам дар байни онҳо гардиш мекунанд, амал мекунанд. Ҷинояти мазкур барои фурӯши сармояи ҷамъиятӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод менамояд. Пул функсияи дукаратаро иҷро мекунад: он ҳам ҳамчун ченаки арзиши мол ва ҳам шакли сармояи пулӣ хизмат мекунад. Дар мавриди ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ барои маҳсулот, вақте ки даромад барои ба даст овардани воситаҳои истеҳсолот истифода мешавад, пул ҳамзамон ҳамчун воситаи муомилот ва сармоя амал мекунад. Вақте ки маҳсулот ба қарз фурӯхта мешавад ва қарзҳо дар охири мӯҳлати қарз бо пули нақд пардохт карда мешаванд, пул ҳамчун сармоя ва воситаи пардохт амал мекунад. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки тақаллуби пул мақоми онҳоро ҳамчун воситаи боэътимоди пардохт халалдор мекунад.

Агар ҷамъоварии маблағҳо мақсади ба даст овардани асбобҳои истеҳсолӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолотро дошта бошад, пас чунин маблағҳо ҳам ҳамчун ганҷ ва ҳам ҳамчун сармоя баромад мекунанд. Дар сурати кушодани сохтори фаръии корхона дар хориҷа, маблағҳои пулӣ ҳам ҳамчун пули ҷаҳонӣ ва ҳам сармоя амал мекунанд. Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки ворид шудани пули қалбакӣ ба ин занҷири равандҳои иқтисодӣ, сохтори сармояи ҳам як кишвари алоҳида ва ҳам тамоми кишварҳои ҷаҳонро сифатан тағйир медиҳад.

Сеюм, муомилоти пулӣ дар ташаккул ва тақсимоти даромади миллӣ тавассути буҷети давлатӣ, низоми андоз, қарзҳо ва таваррум нақши калидӣ дорад.

Чорум, дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ муомилоти пулӣ бояд аз ҷониби бонки марказӣ дар асоси назарияи монетаристӣ танзим карда шавад. Дар ин ҳолат, ҳар сол нишондиҳандаи мақсадноки тағйирёбии ҷараёни пулӣ аз рӯйи вазифаҳои макроиқтисодӣ муқаррар карда мешавад ва мувофиқи он танзим тавассути воситаҳои қарзии Бонки миллӣ амалӣ карда мешавад.

Сиёсати пулию қарзӣ одатан мақсади назорат аз болои ҳаҷми пул, мубориза бо таваррум ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиро дорад. Тайёр кардани пулҳои қалбакӣ андозаи пули нақдро таҳриф мекунад, ки он бевосита ба равандҳои таваррум таъсир мерасонад.

Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки моҳияти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз пуле, ки аз ҷониби низоми пулии кишвар муайян карда мешавад, ҷудонашаванда буда, шакли ташкили муомилоти пулӣ мебошад.

Е.Ф. Жуков «муомилоти пулиро ҳамчун шакли ташкили ҳаракати маблағҳои пулӣ дар кишвар, ки дар ҷараёни рушди таърихӣ ташаккул ёфтааст ва бо қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудааст, муайян мекунад. Намуди низоми пулӣ бо тарзи фаъолияти пул муайян карда мешавад: моле, ки ҳамчун ченаки умумӣ ё нишонаҳои арзиш баромад мекунад. Мувофиқи ин ду намуди низомҳои пулӣ ҷудо карда мешаванд:

а) низоми муомилоти металлӣ, ки дар он моли пулӣ бевосита дар муомилот иштирок мекунад ва тамоми вазифаҳои пулро иҷро мекунад ва пули қарзӣ бо ченаки металлӣ таъмин карда мешавад;

б) низоми муомилоти пулҳои қарзӣ ва коғазӣ, ки дар он пулҳои пуразриш аз муомилот хориҷ карда шудаанд» [35, с. 78].

Аз ин рӯ, дар асоси таърифи овардашуда, муносибатҳои қарзӣ бояд дар заминаи низоми пулӣ баррасӣ карда шаванд. Ҳангоми муайян кардани объекти ҷиноят дар самти баррасишаванда бояд дараҷаи аҳаммияти муносибатҳои қарзӣ муқаррар карда шавад.

Сармояи қарзӣ сармояи пулӣ мебошад, ки ба қарз бо фоизҳо дода мешавад ва барои таъмини гардиши сармояи амалкунанда хизмат мекунад. Бо таҳлили функсияҳои қарз, аз қабили тақсимоти сармоя, сарфаи хароҷоти муомилот, мутамарказонии сармоя, метавон хулоса кард, ки мақсади асосии он ҷамъоварии сармоя ва суръат бахшидан ба раванди табдил додани як қисми арзиши изофӣ ба сармоя мебошад. Ҳаракати сармояи қарзӣ муносибатҳои қарзиро ба вуҷуд меорад. Дар сурати тақаллуби пули нақд, дар ин муносибат мувозинат вайрон

мешавад. Ин махсусан ҳангоми тайёр кардани коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба назар мерасад, ки боиси:

* қатъи баҳисобгирии байниҳамдигарии талаботи қарзӣ;

* вайрон кардани суръати гардиши пул;

* иваз кардани пулҳои қарзии қонунӣ бо пулҳои қалбакӣ мегардад.

Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) боиси коҳиши ҳиссаи сармояи истеҳсолӣ ва вайрон шудани ҷалби он дар корҳонаҳои калон мегардад. Ин кирдори ҷиноятӣ ба маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи фаъолияти муътадили муносибатҳои пулӣ дар Тоҷикистон дохил мебошанд, ки маҳз онҳо бевосита ба сифати объекти бевоситаи ҷиноят баромад мекунанд. Зарба ба унсури асосии ин низом – нишонаи пулӣ мерасад. Таҷовуз ба пул муносибатҳои дахлдори ҷамъиятиро ноором мекунад: ин дар тағйирёбии функсияи иҷтимоӣ ва хусусиятҳои сифатии пул, коҳиши даромади миллӣ ва инчунин вайрон шудани робитаҳо дар низоми гардиши байналмилалии асъор ифода меёбад.

Муайян кардани муомилоти пулӣ-қарзӣ ҳамчун объекти ҷиноят дар тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ки тағйирёбии нақши пул ва таъсир ба манфиатҳои миллӣ ва байналмилалиро ба назар мегирад, ба назари мо, ба фаҳмиши дурусти таркиби тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мусоидат мекунад.

Баъзе муҳаққиқон, дар баробари объекти бевоситаи асосии ҷинояте, ки бо сохтакории пул алоқаманд аст, объекти бевоситаи иловагии ин ҷиноятро ҷудо мекунанд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки ба ин ҷиноят ҳамчун кирдори мураккаб баҳо диҳем, ки ногузир муносибатҳои дигари ҳуқуқиро, ба ғайр аз муносибатҳои бо объекти бевоситаи асосӣ алоқаманд, вайрон мекунад.

И.А. Максимова бар ин назар аст, ки «дар баробари объекти бевоситаи асосии ҷиноят, ки дар м. 186 КҶ Федератсияи Россия (мувофиқ ба м. 281 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст, ба сифати объектҳои

бевосита иловагӣ муносибатҳои ҷамъиятие дохил мешаванд, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои молумулкии харидорони бовиҷдони эҳтимолии пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), хизмат мекунанд» [121, с. 18]. Дар баъзе ҷиноятҳо, ба монанди роҳзанӣ, қонунгузор ба якчанд объектҳо таъсир расониданро пешбинӣ мекунад: ҳам ба молу мулк ва ҳам ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида (м. 249 КҶ ҶТ). Аммо дар ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ мавҷудияти объекти бевосита иловагӣ шубҳанок аст. Тайёр кардани пули қалбакӣ худ аз худ ҳуқуқи моликияти харидоронро вайрон намекунад. Вайронкунӣ танҳо ҳангоми кӯшиши истифодаи пули қалбакӣ ҳамчун воситаи пардохт рух дода метавонад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ на ин ки бо мавҷуд будани объекти бевосита иловагӣ, балки бо мавҷуд будани таҳдиди эҳтимолии вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ, тавсиф мегардад.

Предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта). Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҳамчун ҷиноят баҳо дода мешавад, ки ҳангоми таҳқиқи он ба муайян кардани предмети ин ҷиноят диққати махсус додан лозим аст.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ масъалаи предмети ҷиноят баҳсбарангез боқӣ мемонад. Баъзе муҳаққиқон аҳаммияти онро дар бандубасти категорияҳои алоҳидаи ҷиноятҳо таъкид мекунанд, дар ҳоле ки олимони дигар мақсаднокии ҷудо кардани ин аломатро зери шубҳа мегузоранд, зеро онҳо боварӣ доранд, ки он танҳо арзёбии ҳуқуқиро мушкил мекунад ва арзиши мустақил надорад. Дар доираи ин таҳқиқот, мо танҳо бо хулосаи баъзе муқаррароти асосӣ дар бораи предмети ҷиноят маҳдуд мешавем. Ҳангоми содир кардани як қатор ҷиноятҳо (аз ҷумла, тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)), субъект ба объекти муайяни моддӣ, ашё таъсир мерасонад. Маҳз тавассути чунин таъсир ба объектҳои моддӣ (пул ё коғазҳои қиматнок) таҷовузи ҷиноятӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда

мешавад. Ҳамин тариқ, маҳз чунин таъсирҳо ба объектҳои моддӣ (пул ё коғазҳои қиматнок) тарафи объективии кирдорҳои ҷиноятиро тавсиф мекунанд.

Мувофиқи КҶ ҶТ (м. 281), предмети ҷинояти дар ин модда пешбинишуда пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ мебошанд. Таъкид кардан муҳим аст, ки предмети ҷиноят унсури ҳатмии таркиби ин амал аст ва он дар бандубасти ҷинояти марбут ба сохтакории пул аҳаммияти асосӣ дорад.

Дар Конвенсияи Женева аз соли 1929, ҳангоми муайян кардани мафҳуми «нишонаҳои пулӣ» дар м. 2, мушаххас карда намешавад, ки оё ба онҳо нишонаҳои пулии кишваре, ки бекор карда шудаанд ва мақоми воситаи қонунии пардохтро аз даст додаанд, тааллуқ доранд ё не, ки ин фаҳмиши гуногуни истилоҳи «нишонаҳои пулӣ»-ро ба вуҷуд меорад. Бояд ба назар гирифт, ки м. 18-и Конвенсияи мазкур ҷавобгарии ҷиноятиро барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» тибқи қонунгузории кишваре, ки ҷиноят дар он ҷо содир шудааст, пешбинӣ мекунад. Аз ин рӯ, фарқиятҳо дар қонунгузории миллӣ ва таълимоти ҳуқуқии ҷиноятии кишварҳои иштирокчӣ ба уҳдадориҳои онҳо аз рӯйи ин Конвенсия мухолифат намекунанд. Муҳим он аст, ки кирдорҳое, ки Конвенсияи мазкур дар бар мегирад, бояд бечазо намонанд.

Мувофиқи м. 281 КҶ ҶТ, ба сифати предмети ин ҷиноят баромад мекунанд:

«– билетҳои Бонки миллии Тоҷикистон;

– тангаҳои металлӣ;

– коғазҳои қиматнок бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– асъори хориҷӣ;

– коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ» [1].

Ҳамин тариқ, тайёр кардани тангаҳои тиллоии қалбакӣ, ба монанди тангаҳои даврони подшоҳӣ ва фурӯши минбаъдаи онҳо ҳамчун тиллои аслӣ на ҳамчун тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё

коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), балки ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда мешаванд.

Унсури муҳимми таркиби ҷиноятe, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) алоқаманд аст, муайян кардани рӯйхати предмети ҷиноят бевосита дар матни қонуни ҷиноятӣ мебошад.

Меъёрҳои қонунгузорӣ, гарчанде ки предмети ҷиноятро муайян мекунанд, хусусияти пурраи онро пешбинӣ намекунанд. Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мақоми ҷиноятро танҳо дар сурати мавҷуд будани қасди тайёр кардан ё ба муомилот баровардани нишонаҳои пулии қалбакӣ бо мақсади истифодаи онҳо ҳамчун воситаи қонунии пардохт, ба даст меоранд.

Ҳамин тариқ, ба таркиби ҷиноятe, ки оиди он сухан меравад, танҳо воситаҳои қонунии пардохтро, ки дар муомилот мебошанд, дохил намудан мумкин аст.

Тайёр кардани пули қалбакие, ки айни замон на дар Тоҷикистон ва на берун аз он воситаи қонунии пардохт ҳисоб намешавад, наметавонад ҳамчун тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст карда шавад. Ин муқаррарот барои тайёр кардани асъори хориҷии қалбакӣ (сохта), ки ҳоло дар кишвари худ ҳамчун воситаи қонунии пардохт эътироф карда намешаванд, низ дахл дорад.

Мутобиқи м. 2 «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 № 722, «пули миллӣ сомонӣ аст, ки як воҳиди он ба 100 дирам баробар аст»» [3]. Гузашта аз ин, тибқи қ. 1 м. 64-и Қонуни мазкур, «пули миллии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон баровардашуда ва дар гардиш қарордошта воситаи ягона ва истисноии пардохти ҳар гуна уҳдадориҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо буда, қабули он бо арзиши номиналиаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тамоми пардохтҳои пулӣ ҳатмӣ мебошад» [3]. Дар қисми 2-и ҳамин моддаи Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ки «Бонки миллии

Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи (барориши) пули коғазӣ (банкнота) ва танга ҳамчун воситаи қонунии пардохт дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [3]. Ва, ниҳоят, тибқи м. 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» [3] «Бонки миллии Тоҷикистон бо меъёрҳои худ арзиши номиналӣ, андоза, вазн, ороиш ва дигар хусусиятҳои пули коғазӣ ва тангаҳоеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаи пардохт мебошанд, муқаррар мекунад» [3]. Аз ин бармеояд, ки маблағҳои пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ҳам дар шакли пули коғазӣ (банкнота) ва ҳам дар шакли танга ифода карда шаванд.

Мувофиқи меъёри мустақими зикршудаи м. 281 КҶ ҶТ, предмети ҷинояти мавриди назар қарордодашуда, инчунин коғазҳои қиматнок бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Пеш аз он ки дар бораи коғазҳои қиматнок бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ронем, мо бояд мафҳуми коғазҳои қиматнокро ошкор кунем. Мутобиқи қ. 1 м. 157 КМ ҶТ, «қоғази қиматнок ҳуҷҷате мебошад, ки бо риояи шакли муқарраргардида ва реквизитҳои ҳатмӣ ҳуқуқи молу мулкиеро тасдиқ менамояд, ки татбиқ ё гузашт кардани онҳо танҳо дар сурати нишон додани он имконпазир аст» [2]. Дар асоси қ. 1 м. 158 Кодекси мазкур бошад, «ба коғазҳои қиматнок инҳо дохил мешаванд: вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент, саҳмия ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки мутобиқи санади қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қиматнок ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи онҳо ба ҷумлаи коғазҳои қиматнок мансуб дониста шудаанд» [2].

Дар КҶ ҶТ (с. 1998), ки ҳоло амал карда истодааст, нисбат ба қонунгузории қаблӣ доираи ҳаракати ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) васеъ карда шудааст. Ҳоло ба он на танҳо коғазҳои қиматноки давлатӣ бо асъори миллӣ, балки дигар воситаҳои молиявии аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ дар бозори коғазҳои қиматнок баровардашуда дохил мешаванд. Ба онҳо ҳуҷҷатҳои пардохткунанда, ба монанди расид,

ва ғайра, инчунин арзишҳои фондӣ аз қабили саҳмия, вомбаргҳо ва дигар уҳдадориҳои қарзӣ, дохил мешаванд.

Масъалаи бандубасти намудҳои муайяни ҳуҷҷатҳо ба сифати коғазҳои қиматнок дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавзуи баҳс боқӣ мемонад. Аз ҷумла, дар мавриди ба категорияи коғазҳои қиматнок дохил кардани саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ ихтилоф вуҷуд дорад. Баъзе олимон онҳоро ҳамчун коғазҳои қиматнок намешуморанд, аз ин рӯ, истифодаи онҳоро ҳамчун предмети ҷинояти таҳлилшаванда истисно мекунанд [25, с. 69-70; 30, с. 371-372; 90, с. 43]. Муҳаққиқони дигар, баръакс, саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатиро ҳам ба категорияи коғазҳои қиматнок ва ҳам ба предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), дохил менамоянд.

Ба ақидаи мо, мавҷудияти саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ ба субъект мақоми соҳиби ҳуқуқро намедиҳад. Ҳуқуқи моликиятдории ӯ танҳо эҳтимолан ба вуҷуд меояд ва танҳо ҳангоми гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи ба ӯ додашуда амалӣ карда мешавад. Азбаски ҳуқуқи «эҳтимолӣ» наметавонад объекти таҷовуз бошад, пас саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ низ чунин ҳисобида намешавад. Ин хулоса ба табиати онтологии саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ асос ёфтааст. Мавҷудияти он худ аз худ маънои онро надорад, ки субъект соҳиби арзишҳои муайян мегардад. Саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ танҳо имконияти гирифтани ҳуҷҷати хаттиро, ки даъвоҳои субъектро тасдиқ мекунад, фароҳам меорад. Чунин ҳуҷҷат Қарор дар бораи бароришӣ (бароришӣ иловагии) коғазҳои қиматноки эмиссионӣ мебошад, ки тибқи моддаҳои 14 ва 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» [4] метавонад ҳуқуқи бароришӣ (бароришӣ иловагии) коғазҳои қиматноки эмиссиониро бо як рақами бақайдгирии давлатии бароришӣ коғазҳои қиматноки эмиссионӣ, тасдиқ намояд. Аммо, ҳатто бо мавҷуд будани Қарор ҳам, субъект наметавонад ҳамеша чизи дилхоҳашро ба даст орад, зеро ин аз бисёр омилҳои дигар вобаста аст (Қарори маҷлиси саҳмдорон, Қарори шурои директорон ва ғайра). Аз ин рӯ, тақаллуби саҳмияҳои

ғайриҳуҷҷатӣ метавонад танҳо ҳамчун тайёрӣ ба содир намудани ҷиноят, ки барои он дар м. 281 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст, баррасӣ карда шавад.

Зербоби мазкурро ба итмом расонида, мо хулосаҳои зерин омадем:

1. Таҳлили заминаи меъёрӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аз хусусияти махсус доштани ҷиноятҳои вобаста ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар низоми кирдорҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Ба сифати самти афзалиятноки ҳимояи ҳуқӯқӣ-ҷиноятӣ ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки ташкил ва фаъолияти устувори гардиши пулро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд – маҳз ҳамин муносибатҳо ҳамчун объекти бевоситаи таҷовузи ҷиноятӣ эътироф мешаванд. Ҳангоми таъсиррасонӣ ба нишони пулӣ муносибатҳои зикршуда зарар мебинанд, ки дар тағйирёбии нақши иҷтимоӣ ва сифати пул, коҳиш ёфтани даромади миллӣ ва инчунин вайрон шудани робитаҳо дар низоми гардиши байналмилалии асъор ифода меёбад.

2. Дар натиҷаи таҳлили муфассали предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) хулоса бароварда мешавад, ки коғазҳои қиматноки ғайриҳуҷҷатӣ ба сифати предмети ҷинояти мазкур баромад намекунанд. Вобаста ба ин, пешниҳод мегардад, ки қалбакӣ тайёр кардани саҳмияи ғайриҳуҷҷатӣ ҳамчун тайёрӣ ба ҷиноят, ки ҷавобгарӣ барои он дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бандубаст карда шавад.

2.2. Тарафи объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)

Тарафи объективии таркиби таҳлилшавандаи ҷиноят бо содир кардани кирдори дилхоҳе, ки дар матни м. 281 КҶ ҶТ номбар шудааст, тавсиф карда мешавад, яъне:

«1. Тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани билетҳои

қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ.

2. Ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ» [1].

Тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ метавонанд ҳам комилан тайёр кардани онҳоро ва ҳам қисман тағйир додани пул ё коғазҳои қиматнокро дар бар гирад.

Аломатҳои пул ҳам дар шакли коғазӣ ва ҳам дар шакли металлӣ дорои маҷмуи аломатҳои фарқкунандаи дақиқ танзимшуда мебошанд. Ба онҳо андоза, намуд ва хосиятҳои мавод, нақшаи ранг ва таркиби тасвирҳо дар ҳарду тарафи вексел ё танга дохил мешаванд. Барои тангаҳо вазни қатъии муқарраршуда низ аломати муҳим аст ва банкнотҳо иловатан бо рақами беназири рамзӣ таъмин карда мешаванд, ки ба муайян кардани ҳар як нусха имкон медиҳад. Дар ин ҳолат, хусусиятҳои алоҳидаи нишони пулӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии гуногун доранд. Дар заминаи функсияи банкнота ҳамчун воситаи муомилоти пулӣ унсурҳое, ки қонунияти онро тасдиқ мекунанд ва дастгирии давлатиро кафолат медиҳанд (аз ҷумла дар пайвастшавӣ ба эквиваленти тиллоӣ) аҳаммияти калидӣ пайдо мекунанд. Дар байни чунин унсурҳои муайянкунанда рамзи давлатӣ, ки мансубияти нишони пулиро ба кишвари мушаххас тасдиқ мекунад; арзиши номиналӣ, ки бо аломатҳои матнӣ ва рақамӣ равшан нишон дода шудааст, дигар унсурҳои банкнота, ба ғайр аз унсурҳои асосӣ, дар муайянкунӣ ва муҳофизат аз қалбакӣ тайёр кардани он нақши ёрирасон доранд. Онҳо ба фарқияти нишонаҳои пулӣ аз ҳамдигар мусоидат мекунанд ва сатҳи ҳифзи онҳоро баланд мебардоранд.

Аз ин хулосаи муҳимми пешакии зерин бармеояд: барои қалбакӣ эътироф кардани нишонаи пулӣ, зарур аст, ки он нишонаҳои асосии аслӣ

– пеш аз ҳама рамзи давлатии кишвари эмитент, инчунин номиналро, ки ҳам бо рақамҳо ва ҳам бо калимаҳо дар ҳарду тарафи пул нишон дода шудааст, такрор кунад. Хусусиятҳои дигар ороиши бадеӣ, гуногунии рангҳо, хосиятҳои коғаз ва дигар ҷузъиёт таҳлили алоҳидаи коршиносонро талаб мекунанд: мувофиқати онҳо ба аслӣ на ҳамеша меъёри муайянкунанда аст, балки бояд дар доираи таҳқиқот бодиққат арзёбӣ карда шавад.

Дар зери тайёр кардани нишонаҳои пули қалбакӣ метавон сохтани ашёи моддиро фаҳмид, ки воҳидҳои пули воқеии давлатиро ба таври визуалӣ тасвир мекунад. Ин мафҳум на танҳо раванди пурраи тайёр кардани нишонаи пулии қалбакиро аз аввал, балки ҳолатҳоеро низ дар бар мегирад, ки дар он нишонаҳои пулии нашрҳои қаблӣ, ки мақоми воситаи қонунии пардохтро аз даст додаанд, ҳамчун асос истифода мешаванд.

Истеҳсоли банкноти қалбакӣ на танҳо ба сохтани нишонаҳои пулии комилан қалбакӣ, балки ба ворид кардани тағйирот ба банкноти аслии дармуомилотбуда низ дахл дорад. Дар ин ҳолат, танҳо он тағиротҳое, ки арзиши номиналии тамғаи пулиро мақсаднок таҳриф мекунанд ва онро ба таври сунъӣ баланд мебардоранд, аҳаммияти ҷиноятӣ доранд. Амалҳое, ки мақсадҳои тағйир додани номиналро надоранд, масалан, илова кардани унсурҳои ороишӣ ба тасвири пул, ислоҳи рангҳои он ё тақаллуби силсила ва рақам, таркиби ҷинояти сохтакории пулро ташкил намедиҳанд. Ба сифати мисоли ҷолиб Б.В. Волженкин як ҳодисаро аз амалияи ҷиноятӣ меорад, чунончи, «шахсоне дастгир карда шуданд, ки кӯшиши фурӯхтани пулҳои қалбакии саддолараи намунаи навро доштанд, ки онҳо ба пулҳои аслӣ монанд буданд, ба истиснои як нозукӣ. Дар кунҷи чапи поёнии ин «банкнотаҳо» бо ҳуруфи хурд бо забони англисӣ навишта шуда буд: ин пули нақд, воситаи қонунии пардохт нест» [24, с. 375].

Тайёр кардани пули қалбакӣ, ки ба таърифи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дохил

мешавад, ҳатман тағйир додани унсурҳои банкнотаро дар бар мегирад, ки арзиши номиналии онро, ки бо навиштаҷот ва рақамҳо дар ҳарду тарафи он нишон дода шудааст, тасдиқ мекунанд. Таъкид кардан муҳим аст, ки нисбати нишонаҳои пули миллӣ – сомонӣ, ки дар муомилот қарор доранд, чунин тағйирот комилан истисно карда мешавад. Номиналҳои гуногуни банкнотаҳои миллӣ – сомонӣ аз рӯйи ранг ва тарҳи расм чунон фарқ мекунанд, ки кӯшиши ба дигараш табдил додани яке аз онҳо имконнопазир аст.

Дар мавриди тайёр кардани банкнотаҳои хориҷии қалбакӣ бояд қайд кард, ки усулҳои қалбакӣ тайёр кардани онҳо қисман мубрамияти худро нигоҳ медоранд. Дар фаъолияти амалиявӣ ҳолатҳое ба назар мерасид, ки банкнота бо номинали як доллари ИМА бо роҳи сохтакорӣ ба банкнотаи саддоллара табдил дода шуда, ҳатто бо қурби бозорӣ фурӯхта шуда буд.

Ҳангоми муайян кардани таркиби ҷиноят, ки бо тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ алоқаманд аст, бояд далели қалбакӣ тайёр кардани онҳо ва дараҷаи монандии онҳо ба пул ё коғазҳои қиматноки ҳақиқӣ аз рӯйи шакл, андоза, ранг ва дигар аломатҳои асосӣ муайян карда шавад. Бояд қайд кард, ки арзёбии дараҷаи монандӣ метавонад субъективӣ бошад, зеро қонунгузорӣ меъёрҳои дақиқи муайян кардани онро дар бар намегирад. Бо вуҷуди ин, муайян кардани чунин дараҷаи монандӣ аксар вақт дар бандубасти ҳаракатҳои шахси гунаҳгор нақши ҳалкунанда мебозад. Дар ҳолатҳои ба таври возеҳ номувофиқатии пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба аслияти онҳо, ҳаракати шахс метавонад тибқи м. 247 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда шавад.

Барои баҳодиҳии дурусти кирдоре, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд дараҷаи шабеҳияти ҳуҷҷати қалбакӣ бо ҳуҷҷати аслӣ муайян карда шавад. Усули тайёр кардани нишонаҳои пули қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок – ба шарте, ки дар онҳо тасвири босифат такрор карда шавад ва ҳамаи тафсилоти ҳатмии ҳуҷҷат мавҷуд бошанд – барои бандубасти кирдор аз рӯйи моддаи зикршуда аҳаммият надорад. Аммо,

